Особо примечательной для территориальной организации туризма и рекреации в западной части Ферганской зоны является её природная изолированность от пустынь и соседних степей системами хребтов Гиссаро-Алая, которые высоко поднимаются над долинами (превышение до 3,5 км) и представляют собой труднопроходимый, но привлекательный для альпинистов барьер, разделяющий территорию республики на две части – северную и южную.

2. Установлено, что Ферганская ТРЗ — это основная туристско-рекреационная территория РТ, поскольку в 2019 г. эту зону (Согдийская область) посетило больше, по сравнению с другими регионами РТ, иностранных граждан (более 450 тысяч).

3. Выявлено, что на изучаемой территории слабее, чем в других частях республики, выражен горный характер рельефа. Основную часть Ферганской зоны занимают равнины, которые существенно отличаются по своим природно-географическим и туристско-рекреационным особенностями от таковых на юге и востоке РТ.

4. Определено, что географическое положение является основным фактором формирования климатических условий исследуемой территории. В западной части Ферганской зоны с сухим субтропическим климатом, который характеризуется малым количеством осадков, жарким летом и умеренно мягкой зимой, имеются благоприятные условия для территориальной организации многих разных видов и типов ТРД. Этому способствует и средняя годовая температура около 14°С, годовая сумма осадков 155 мм, 50% которых выпадают в период с ноября по март [6-А].

Анализ климатических условий Ферганской зоны в акватории «Таджикского моря» показывает, что препятствующим фактором для водной рекреации является значительная повторяемость сильных ветров: в 2001-2018 гг. было отмечено до 75 дней в году со скоростью ветра более 15 м/с. Исходя из этого, на большей части исследуемой территории (кроме Истаравшанской, Исфаринской и Шахристанской котловин) ощущается недостаточность влажного климата, что влияет на развитие рекреации на акваномах и равнинно-степных территориях [6-А].

По визуальным наблюдениям диссертанта, на равнинных территориях исследуемой зоны устойчивый снежный покров отсутствует (2010-2018 гг.).

Количество годовых осадков на равнине изменяется от 100 мм в восточной части исследуемой зоны, до 200-250 мм в западной, особой засушливостью отличается северный склон Туркестанского и южный склон Кураминского хребтов. На западе Ферганской зоны у выхода из горла Ферганской долины зафиксированы сильные местные ветра (Урсатьевские), нередко захватывающие районы в течение нескольких дней [6А].

В целом по сравнению с другими территориями республики исследуемая зона обладает перспективными природно-климатическими ресурсами для целей развития туризма и лечебно-оздоровительной рекреации, позволяющими обеспечить потребности рекреантов Таджикистана и соседних государств.

5. Подтверждено, что при рациональном использовании ресурсного потенциала акватории Таджикского моря, Исфаринского оазиса, Исфара-Танги-Ворух, северных склонов Туркестанского хребта (Шахристанская

котловина), термальных источников Хаватаг, лечебной иловой грязи озера Оксукон, Худжандской грязелечебницы можно существенно увеличить (на 20-25%) число санаториев, домов отдыха, туристических баз и различных оздоровительных учреждений, переведя их на круглогодичную работу. Тогда количество туристов и рекреантов можно увеличить до 1,5 млн. человек в год и обеспечить работой в течение года порядка 20 тыс. чел.

По определению исследователя, территории для устойчивого развития туризма и рекреационной деятельности во многом зависят от природно-климатических условий и исторических предпосылок. Изолированные оазисы (Худжандский, Исфаринский, Канибадамский и Голодная степь); Истравшанская и Шахристанская котловины имеют комплексный характер локализации, они обладают более широким набором рекреационных услуг, нежели долины и степные территории исследуемой зоны.

6. В процессе изучения и анализа установлено, что понятие «труд» и «отдых», «рыбная ловля» и «охота» как виды рекреационной деятельности появились на территории исследуемой зоны в связи с возникновением рабочего класса в Худжандском уезде, начиная с 1868 г. (в Истаравшане, Худжанде, Канибадаме), когда он был присоединён к Российской империи и появились первые промышленные предприятия, началось строительство железной дороги, школ и гостиниц.

7. Территориальная организация ТРД в регионе имеет ярко выраженный мозаичный характер, обусловленный оазисными, котловинными, горными, аквальными и иными природно-ресурсными различиями зоны. Материально-техническая база туризма правобережной и левобережной частей Ферганской зоны по широте и высотным поясам размещена неравномерно.

8. В процессе изучения и анализа собранных материалов нами определены важнейшие характеристики ресурсов территории западной части Ферганской ТРЗ: объём запасов ресурсов, площадь, их географическое расположение, возможности их эксплуатации, территориальная неподвижность большинства видов ресурсов, аттрактивность, возможность многократного использования, транспортная и информационная доступность.

Необходимо отметить и перспективы развития Ферганской ТРЗ, особенно в свете принятой в РТ «Стратегии развития туризма до 2030 года» и «Национальной стратегии развития РТ на период до 2030 г.».

Развитию туризма в рассматриваемом регионе может способствовать целый ряд мер, которые были приняты руководством страны для развития всей отрасли. Их конкретизация под непосредственный регион Ферганской ТРЗ сможет дать значительный рост отрасли в рассматриваемом районе.

## Рекомендации по практическому использованию результатов

1. Материально-техническую базу ТРР необходимо модернизировать, требуется и реконструкция действующих туристско-рекреационных объектов в Истаравшанском, Шахристанском, Канибадамском и Исфаринском туристических центрах. Приоритетным направлением ТРД в исследуемой зоне должны стать усилия, направленные на расширение международного сотрудничества в области туризма со странами, расположенными вдоль Великого шёлкового пути, тогда его ресурсный потенциал и турпоток мог бы увеличиться на 15-20%, для чего необходима разработка целевой программы по созданию и развитию «Единого туристического пространства на Великом шёлковом пути».

2. Представление на крупнейших торговых и ремесленных выставках возможностей Ферганской ТРЗ, что сможет способствовать продвижению ресурсов и росту туристического потенциала региона.

3. В целях дальнейшего улучшения инвестиционного климата и поощрения иностранных предпринимателей, вкладывающих более 1 млн. долларов США в экономику Таджикистана, следует предоставлять им многократную пятилетнюю визу, а для упрощения передвижения соотечественников, родившихся в Таджикистане, выдавать им многократную трехлетнюю визу.

Введение электронного визового и безвизового режима со странами мира, введение упрощенного визового режима с ними, а также отмена внутренней регистрации позволят туристам и другим иностранным гражданам подавать документы онлайн на сайте www.evisa.tj, без обращения в консульства Таджикистана, чтобы получить электронную визу и приехать в нашу страну. С января 2022 г. уже начал действовать безвизовый режим с 52 странами мира. тогда к 2025 г. Ферганская ТРЗ будет в состоянии принимать до 1 млн. туристов в год.

4. Стратегия развития туризма в РТ на период до 2030 г. определяет для исследуемого региона цели, задачи и приоритетные направления развития туристско-рекреационной отрасли в краткосрочной и среднесрочной перспективах.

Экономический эффект от принятых документов для Ферганской ТРЗ нами рассматривается в направлении введенных налогово-таможенных льгот, освобождающих от налога на прибыль на пять первых лет работы туристические компании, а также от уплаты НДС и таможенных пошлин, импортируемых техники, оборудования и материалов для строительства туристических объектов.

В перечень подобных объектов должны войти:

- гостиницы,
- санатории,

- комплексные туристические центры,
- мотели,
- культурно-развлекательные парки,
- рыболовная и охотничья инфраструктура,
- центры по производству ремесленных изделий,
- рестораны с международным брендом,
- учебные центры по альпинизму,
- лыжно-туристические комплексы и т.д.

В целом это все то, что составляет ТРР и потенциал Ферганской ТРЗ.

5. Используя предпринятые Правительством Таджикистана шаги, в рассматриваемой зоне особенно перспективными направлениями развития ТРД должны стать:

- горный туризм,
- альпинизм,
- охота,
- лечебно-оздоровительный туризм,
- историко-культурный (познавательный) туризм,
- экологический туризм,
- деловой туризм,
- прогулочный туризм

Практически все эти направления были рассмотрены нами в рамках настоящего исследования и имеют свою базовую основу для дальнейшего развития на территории Ферганской ТРЗ.

6. Отдельным направлением можно назвать сельскохозяйственный туризм, развитие которого в свете принятых стратегических документов представляет собой новое и перспективное направление для дальнейшего развития, имеющее отличные предпосылки. Важным пунктом данного направления может стать то, что данный вид туризма имеет все задатки для превращения в важный источник трудоустройства и получения дохода для сельских предпринимателей и домохозяйств. Основными точками, которые могут дать импульс развития в данном направлении, являются гостеприимство и другие характерные национальные черты, такие, как культура, добродушие и т.д.

Практическим моментом для развития туристической области можно назвать зафиксированное в «Национальной стратегии развития Республики Таджикистан до 2030 г.» положение, согласно которого следует развить сеть канатно-подвесных дорог и монорельсов в горных регионах страны для ускоренного развития предприятий отраслей добывающей промышленности и туризма.

7. Для достижения целей устойчивого развития туристско-рекреационного направления в Ферганской ТРЗ РТ следует обратить внимание на ряд важных моментов.

Во-первых, подготовка и переподготовка квалифицированных кадров для туристической отрасли. Необходимо отметить, что в стране существуют вузы, которые имеют профессиональные направления подготовки для туристической отрасли. Однако они не полностью соответствуют международным стандартам, а выпускники, зачастую, не обладают необходимыми компетенциями, профессиональным мастерством, необходимым уровнем владения языками и знаниями по культуре, национальном искусстве, современным технологиям и сервисе в области туризма.

Другой стороной является переподготовка уже имеющихся кадров в рассматриваемой области и проведение курсов и семинаров для получения необходимых компетенций в области туризма людям, использующим в качестве туристических объектов частные хозяйства или дома.

Также в данном разделе можно отметить разработку программ дистанционного обучения по туризму, позволяющих получить опыт дистанционного обучения для представителей частного сектора и государственных должностных лиц.

Во-вторых, полное использование предоставленных льгот для привлечения иностранных и внутренних инвестиций в отрасль для развития инфраструктуры и разработки туристских маршрутов.

В-третьих, необходимо усовершенствование законодательной и нормативной базы в области туризма с учетом местных особенностей и специфик, основываясь на учете мировой практики.

В-четвертых, необходима разработка научно-обоснованных стандартов качества, санитарно-гигиенических и природоохранных правил для туристических объектов, достопримечательностей, гостиниц, ресторанов, транспортных средств, аэропортов, поездов и автобусных станций. Это может включать в себя внедрение звездной системы для мест проживания, которая позволит туристам получить общее интуитивное представление об ожидаемом уровне качества до бронирования, а также разработку «Знака качества Ферганской туристско-рекреационной зоны» для других туристических услуг.

В-пятых, для контроля, управления и улучшения туристской деятельности в Ферганской ТРЗ необходимо улучшение системы сбора и анализа туристических данных и статистики, а также знаний о поведении клиентов. В ходе текущего исследования мы столкнулись с крайне низким уровнем сбора и предоставления данных в этом направлении.

8. В настоящее время в большинстве стран имеются эффективные системы сбора данных, производства статистики и сбора первичных данных для оценки эффективности их продуктов в отношении текущих и будущих ожиданий клиентов. Отмеченный момент в национальном статистическом органе практически отсутствует.

В связи с этим предлагается направить усилия для разработки методологий и укрепления потенциала страны для проведения исследований качества обслуживания клиентов и структуры расходов по туристическим сегментам, а также приложить усилия для разработки и внедрения вспомогательных счетов туризма для измерения и мониторинга воздействия политики и стратегий в области туризма на национальную экономику.

Все эти вопросы могут составлять отдельные темы для дальнейшего научного исследования, как в данной научной сфере, так и в смежных областях.

## ПУБЛИКАЦИИ ПО ТЕМЕ ДИССЕРТАЦИИ

### I. Статьи, опубликованные в рецензируемых и рекомендованных Высшей аттестационной комиссией при Президенте Республики Таджикистан журналах:


[1-А]. Диловаров Р. **Хоҷаева, А**. Мавзеъҳои рекреатсионии Тоҷикистон ва тадқиқоти он / Р. Диловаров А. Хоҷаева, // Номаи Донишгоҳ. Силсилаи илмҳои табиатшиносӣ ва иқтисодӣ – Хуҷанд. - 2013. - № 1 (24). – С. 121-124.

[2-А]. **Ходжаева, А.Х**. Некоторые пути развития сельского туризма в Таджикистане / А.Х. Ходжаева // Учёные записки ХГУ. Серия естественных и экономических наук – Худжанд. – 2014. - № 4 (31). - С. 107-110.

[3-А]. **Хоҷаева, А.Ҳ**., Исмоилова Д.А., Роҳҳои омӯзиши захираҳои сайёҳии дарккунӣ дар вилояти Суғд / Хоҷаева, А.Ҳ., Исмоилова Д.А// Номаи Донишгоҳ. Силсилаи илмҳои табиатшиносӣ ва иқтисодӣ – Хуҷанд. – 2014. - № 1 (28). – С. 102-106.

[4-А]. **Ходжаева, А.Х**. Вопросы развития туризма и рекреации / А.Х. Ходжаева // Вестник ТНУ. Серия экономических наук. – Душанбе. – 2015. - № 2/1 (157). - С. 252-256.

[5-А]. **Хоҷаева, А.Ҳ**. Захираҳои рекреатсионии кӯлҳои табиии вилояти Суғд / А.Ҳ. Хоҷаева // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – Душанбе. – 2016. - № 2 (4). - С. 75-78.

[6-А]. **Ходжаева, А.Х**. Проблемы формирования туристско-рекреационных хозяйств Согдийской зоны / А.Х. Ходжаева //

Вестник ТНУ. Серия социально-экономических и общественных наук. – Душанбе. – 2018. - № 11. – С. 70-74.

**Научные статьи, опубликованные в сборниках и других научно-практических изданиях**:

[7-А]. **Хоҷаева, А.Ҳ.** Назаре ба амнияти озуқаворӣ дар Тоҷикистон / Номаи Донишгоҳ. Силсилаи илмҳои табиатшиносӣ ва иқтисодӣ № 4 (23) / А.Ҳ. Хоҷаева. – Хуҷанд, 2012. – С. 136-143.

[8-А]. **Хоҷаева, А.Ҳ**. Сухане чанд роҷеъ ба Искандаркӯл / Чопи дар китоби «Ҷавонон ва илми муосир» / А.Ҳ. Хоҷаева. - Душанбе: Бухоро, 2013. – С. 416-418.

[9-А]. Хоҷибоев, Ҳ. **А.Хоҷаева** Гармшавии глобалии иқлим ва аҳамияти озуқаворӣ / Номаи Донишгоҳ. Силсилаи илмҳои табиатшиносӣ ва иқтисодӣ № 2 (85) / Ҳ. Хоҷибоев, А. Хоҷаева. – Хуҷанд, 2012. – С. 135-144.

[10-А]. **Хоҷаева, А.Ҳ**. Муинова З.М Олучагелос чист? / Номаи Донишгоҳ. Силсилаи илмҳои табиатшиносӣ ва иқтисодӣ № 4 (27)/А.Ҳ. Хоҷаева, З.М. Муинова. – Хуҷанд, 2013. – С. 87-91.

[11-А]. **Хоҷаева, А.Ҳ**. Гармшавии глобалии иқлим ва таъсири он ба амнияти озуқаворӣ / Маҷаллаи назарияви-илмию истеҳсолии "Кишоварз" № 4 (60) / А.Ҳ. Хоҷаева. - Хуҷанд, 2013. – С. 86-87.

[12-А]. **Хоҷаева, А.Ҳ**. Дурнамои рушди туризм дар кӯҳистони Зарафшон / А.Ҳ. Хоҷаева // Паёми Донишкада махзани илм. - 2019. № 1-2 саҳ 85-89.

[13-А]. Охунова, С.А., З.М. Муинова., **А.Ҳ. Хоҷаева** Методикаи таълими география: Китоби дарси / С.А. Охунова, З.М. Муинова, А.Ҳ. Хоҷаева. – Хуҷанд: Нури маърифат, 2019. – 232с.

[14-А]. **Ходжаева А.Х**., Муинова, З.М.,Путешествие супругов Федченко в Среднюю Азию / З.М. Муинова, **А.Х. Ходжаева**, С.А. Охунова / Международная научная конференция «Вклад Российской науки в изучение уникального историко-культурного и природного богатства Таджикистана», посвящённой 200-летию российского востоковедения. – Оренбург – Худжанд, 2019. – С. 194-199.

[15-А]. Диловаров Р., **Ходжаева, А.Х**. Влияние водно-климатических ресурсов на территориальную организацию туризма и рекреационной деятельности / Диловаров Р., А.Х. Ходжаева // Научно-теоретическая конференция «Гидроклиматические факторы использования водных ресурсов Центральной Азии». - Худжанд, 2020.–С. 130-133.

[16-А]. **Хоҷаева А.Ҳ** Муинова З.М., Тағйирёбии иқлим ва таъсири он ба захираҳои обии Тоҷикистон / Маводи конференсияи илмӣ-амалии

Ҷумҳуриявӣ бахшида ба «Даҳсолаи байналмиллалии амал об барои рушди устувор 2018-2028» Хуҷанд, 2018 саҳ190-195

[17-А]. Р.Диловаров, **А.Х Ходжаева** Туристско-рекреационное районирование западной части Ферганской зоны республики Таджикистан. / Р.Диловаров, А.Х Ходжаева// Географическое пространство: сбалансированное развитие природы и общества.- Челябинск 2021- стр 156-162

[18-А]. **Ходжаева А.Х.,** Муинова З.М., Туристско-рекреационные территории Ферганской зоны / Маводи конференсияи илмӣ-амалӣ дар мавзӯи "Самтҳои рушди илмҳои табиатшиносӣ: мушкилот ва дурнамои он дар Осиёи Марказӣ" Хуҷанд, Нури маърифат 2022. С-193-203

[19-А]. **Хоҷаева, А.Ҳ**. Таъсири нерӯи барқ дар ташкили ҳудудии истеҳсолот / А.Ҳ. Хоҷаева // Маводи конференсияи Ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ дар мавзӯи "НБО-Роғун кафолати Истиқлолияти энергетикии Тоҷикистон".-Хуҷанд, 2022.–С.6-9.

[20-А]. **Ходжаева, А.Х.** Муинова З.М. Цели и задачи рекреационной деятельности и пути их решения в пределах Ферганской зоны Республики Таджикистан / А.Х. Ходжаева, З.М. Муинова // Международный научно-практический журнал ENDLESS LIGHT in SCIENCE.–Алматы, Казахстан, 2022.с 202-209.

**ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ**
**ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**
**Муассисаи давлатии таълимии**
**“ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ХУҶАНД**
**БА НОМИ АКАДЕМИК БОБОҶОН ҒАФУРОВ”**

Бо ҳуқуқи дастнавис

УДК-7А6.1
ББК.75.81
Х-691

**ХОҶАЕВА АЗИЗАХОН ҲАКИМОВНА**

# ИҚТИДОРИ ЗАХИРАВИИ МИНТАҚАИ САЙЁҲИЮ РЕКРЕАТСИОНИИ ФАРҒОНАИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ВА МАСЪАЛАҲОИ ТАШКИЛИ ҲУДУДИИ ФАЪОЛИЯТИ САЙЁҲӢ-РЕКРЕАТСИОНӢ

**А В Т О Р Е Ф Е Р А Т И**
диссертатсия барои дарёфти унвони илмии
номзади илмҳои география бо ихтисоси 25.00.24 -
Географияи иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ ва рекреатсионӣ

Душанбе– 2023

Диссертатсия дар кафедраи географияи иқтисодӣ ва демографияи Муассисаи давлатии таълимии “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров” иҷро карда шуд.

**Роҳбари илмӣ**: **Диловаров Раҳматшо,** номзади илмҳои география, дотсент, Корманди хизматнишондодаи Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Муқарризони расмӣ:** **Дунетс Александр Николаевич**, доктори илмҳои география, профессор, мудири кафедраи географияи иқтисодӣ ва харитасозии Донишгоҳи давлатии Олтой

**Гадоев Шералӣ Давлатович,** номзади илмҳои география, дотсент, мудири кафедраи география ва сайёҳии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А. Рӯдакӣ

**Муассисаи пешбар**: Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон

Ҳимоя санаи 20 апрели соли 2023, соати $11^{00}$ дар ҷаласаи Шурои диссертатсионии 6DKOA-058 назди Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ (Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734003, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 121) баргузор мегардад. Бо диссертатсия дар китобхонаи илмии ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ ва дар сомонаи www.tgpu.tj шинос шудан мумкин аст.

Автореферат "____" ___________соли 2023 фиристода шудааст.

Котиби илмии
Шурои диссертатсионӣ, номзади
илмҳои иқтисодӣ, дотсент Ҷӯраев А.Ҷ.

## I. Муқаддима

**Мубрамияти мавзӯи таҳқиқот.** Сайёҳӣ ва рекреатсия дар шароити имрӯзаи иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз самтҳои афзалиятноки рушд ба ҳисоб меравад. То соли 2019 (то оғози пандемия) дар сохтори иқтисодиёти имрӯзаи ҷаҳонӣ ҳиссаи сайёҳӣ дар маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ (ММД) 10,4 фоизро ташкил медод. Дар ҷаҳон кишварҳое ҳастанд, ки қисми асосии ММД-и онҳоро маҳз даромад аз ҳисоби сайёҳӣ ташкил медиҳад.

Натиҷаҳои мусбати иқтисодие, ки аз рушди соҳаи сайёҳӣ дар Тоҷикистон ба вуқуъ омадааст дар маҷмуъ ба минтақаҳои он низ таъсири мусбат мерасонад. Аммо барои ба даст овардани самаранокӣ ва миқдор, ба захираҳо, иқтидори сайёҳиву рекреатсионии ҷумҳурӣ дар сатҳи минтақавӣ бояд баҳо дод. Қайд кардан бамаврид аст, ки вилояти Суғд ҳамчун воҳиди маъмуриву ҳудудӣ ба ҳисоб рафта, аз ҷиҳати географӣ дар қисми ғарбии водии Фарғона ҷойгир буда, зимни таҳқиқот мо онро ба минтақаи сайёҳӣ ва рекреатсионии (МСР) Фарғонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон (ҶТ) нисбат додаем.

Сатҳ ва раванди рушди қувваҳои истеҳсолкунанда дар МСР Фарғона барои ҳалли масъалаҳои такмил додан ва муайян намудани шаклҳои нави ташкили соҳаҳои маҷмааи хоҷагии халқи ҷумҳурӣ, аз ҷумла сайёҳиро тақозо мекунад. Ин МСР дар муқоиса бо дигар минтақаҳои ҷумҳурӣ дорои захираҳои беназири табиию иқлимӣ, таърихию фарҳангӣ ва иҷтимоию иқтисодӣ буда, дар заминаи яке аз нишондиҳандаҳои баландтарин, яъне зичии аҳолӣ мавқеи махсусро дорад.

Фаъолияти сайёҳӣ ва рекреатсионӣ (ФСР) ба онҳо имкон медиҳад, ки дар сурати дуруст ба роҳ мондани соҳаи сайёҳӣ, ҷойгиркунии сайёҳон, инфрасохтори хуб ва дигар омилҳо даромаднокии хуб ба даст оранд.

Дар раванди ин таҳқиқот мо мавҷуд набудани парадигмаи ягонаи рушди сайёҳӣ дар минтақаро муайян намудем. Аҳолии маҳаллӣ ва муҳоҷирони хориҷӣ барои истироҳати худ иншоотҳоеро интихоб мекунанд, ки дар бораи онҳо аз шунидани овозаҳо ва ё дигар манбаъҳо маълумот ба даст овардаанд. Инчунин, ба як қатор муаммоҳои баҳодиҳии омилҳои муайянкунандаи сайёҳон, ба ҳудуди муайяни минтақа, хусусиятҳо ва тафовутҳои сатҳи геоморфологӣ ва антропогенӣ, миқёс ва самтҳои идоракунии табиати сайёҳию рекреатсионӣ алоқаманданд.

Вобаста ба ин, зарурати омӯхтан ва ҷамъбаст намудани ҷанбаъҳои муосири назариявӣ ва амалии истифодаи иқтидори захиравии иншоотҳои геоморфологӣ ва антропогении дар боло номбаршуда ба миён омадааст.

Ҳамзамон, мавқеи минтақа дар робита бо таъминкунандагони сайёҳон ва рекреантҳо, яъне шахсоне, ки бо фаъолияти рекреатсионӣ машғуланд – (Ӯзбекистон, Қазоқистон, Қирғизистон, Афғонистон, Русия ва ғайра), инчунин, ҷойгиршавии он дар масирҳои транзитии давлатҳо (Хуҷанд-

Ӯзбекистон-Хуҷанд, Қазоқистон-Хуҷанд Қирғизистон-Хуҷанд, Хуҷанд-Афғонистон ва ғайра) метавонанд ҳамчун меъёри маҳдудкунанда ё осонкунандаи ҷалби сайёҳон хизмат кунанд.

Таҳқиқот масоили вобаста ба сайёҳон, рекреантҳо ва хусусиятҳои равандҳои марбут ба асосҳо ва усулҳои баҳодиҳии иқтидори рекреатсионӣ, инчунин, робитаи геоландшафтҳои сайёҳии аз ҷиҳати технологӣ ба ҳам алоқаманднабударо, бо бахшҳои хоҷагии халқи минтақаи марбут ба МСР-и Фарғона меомӯзад.

Дар баробари ин як қатор соҳаҳои ба ҳам алоқаманд: муассисаҳои ҷойгиркунӣ, хӯроки умумӣ ва мавзеъҳои истироҳатӣ, хизматрасонии саёҳатӣ ба вуҷуд омадаанд, ки онҳо дар умум, асоси иқтисодии сайёҳӣ ва фаъолияти рекреатсионии минтақаи Фарғонаро мукаммал менамоянд.

Ба андешаи мо, аз ҷиҳати илмӣ асоснок намудани ФСР, ки ҳамчун омили истифодаи оқилонаи иқтидори захираҳои гуногуни сайёҳиву рекреатсионӣ дар ҳудуди МСР Фарғона ба ҳисоб меравад, метавонад, ба рушди куллии иҷтимоиву иқтисодии маҳалҳое мусоидат намояд, ки аз ҷиҳати сайёҳӣ ва рекреатсионӣ суст тараққӣ кардаанд.

Дар асоси ин, аҳамияти таҳлили географии ҷузъҳои таркибии иқтидори захираҳои сайёҳӣ ва рекреатсионӣ (ЗСР) ва ташкили ҳудудии фаъолияти сайёҳӣ ва рекреатсионӣ дар МСР Фарғона (қисми ғарбии водии Фарғона) бо як силсила омилҳо муайян карда мешавад: муайян намудани захираҳо ва мувофиқ будани онҳо ба навъҳои муайян, намудҳои рекреатсионӣ, нигоҳ доштани сифатҳои рекреатсионии иншоотҳо, аз худ намудани соҳаҳои нави фаъолияти сайёҳиву рекреатсионӣ ва ғайра, ки то ҳол кам омӯхта шудааст, ё тамоман омӯхта нашудааст.

**Дараҷаи коркарди масъала.**

Саҳми олимони советӣ ва рус: Ю.А. Александрова, М.Б Биржаков, Ю.А. Веденин, А.В. Дроздов, И.В.Зорин, В.Кварталнов, Л.Ю Мазхар, В.П.Максаковский, Н.Мироненко, Д.В.Николаенко, В.С. Приоброженский, И.Т. Твердохлебова ва дигарон доир ба мавзӯъ назаррас буда, асарҳои онҳо дар таҳқиқи диссертатсия ҳамчун асоси назариявӣ ба ҳисоб меравад.

Пеш аз онҳо, дар охири асри XIX ва ибтидои асри XX дар ҳудуди Тоҷикистони Шимолӣ, аз ҷумла, дар водиҳои Зарафшон ва Фарғона олимон-сайёҳони рус дар соҳаи география таҳқиқот гузарондаанд. Инчунин И.В.Мушкетов, Н.А. Севертсов, А.П. Федченкаро бояд қайд намуд, ки ба рушди соҳаи сайёҳӣ ва фаъолияти рекреатсионӣ асос гузоштаанд.

Дар асоси таҳқиқотҳои илмӣ, аввалин бор, дар водии Фарғона соли 1841 экспедитсия ба номи «Супоришҳои муҳандис Бутенев дар Бухоро» оғоз ёфта, минбаъд онро географ В.Н. Хаников, муҳандиси кӯҳкан М. Богословский ва табиатшинос А Леман идома доданд.

Экспедитсия доир ба минтақаи таҳқиқот, сарватҳои он, сохти кӯҳҳо, олами набототу ҳайвонот, маводҳои гуногун ҷамъ кард.

Дар солҳои минбаъда водии Фарғонаро пиряхшиносон А.П.Федченко, Д.Л. Иванов, Г.Д. Романовский, топографҳо Л. Сокес, И.В.Мушкетов, набототшинос А.Е. Регел ва ғайра мавриди омӯзиш қарор доданд. Экспедитсияи якҷояи Тоҷику Помири Академияи илмҳои ИҶШС (1928-1933) барои инкишофи соҳаи сайёҳӣ аҳамияти калони илмию амалӣ дошт.

Дар замони шӯравӣ ва дар солҳои истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷанбаҳои алоҳидаи ташкили ҳудудии ЗСР дар асарҳои олимони тоҷик Қ.Ш Ҷӯраев, Х.М. Муҳаббатов, У.И. Муртазоев, А.Ҷ. Ҷӯраев, Р.Д.Диловаров, М.А. Азимова, Ш.Д.Гадоев, Х.Э.Карамхудоев, Н.В.Пивоварова, З.Р.Бегматова, Д.Н.Ёров, М.И.Қодирова, Д.Ш.Сангинов, У.А.Сафаров, М.С.Собиров, З.С. Султонов, Х.У.Умаров, Н.Х.Хоналиев, М.Н.Нурназаров ва дигарон мавриди таҳқиқ қарор гирифтанд.

Аммо то ҳол асарҳои таҳқиқотӣ ва рисолаҳое, ки ба омӯзиши амиқи захираҳои сайёҳиву табиӣ вобаста ба ташкили ҳудудии намудҳои сайёҳӣ ва минтақаҳои сайёҳӣ-рекреатсионии маҳз дар ин минтақа таҳқиқшуда вуҷуд надоранд.

Рисолаи пешниҳодшуда аввалин кӯшиш доир ба омӯзиши ҳамаҷонибаи ташкили ҳудудии фаъолияти сайёҳӣ ва рекреатсионӣ дар минтақаи Фарғонаи ҶТ мебошад.

**Объекти таҳқиқот** – сайёҳӣ ва рекреатсия дар ҶТ.

**Мавзӯи таҳқиқот** – иқтидори захиравии минтақаи сайёҳию рекреатсионии Фарғонаи ҶТ ва масъалаҳои ташкили ҳудудии фаъолияти сайёҳӣ-рекреатсионӣ мебошад.

## II. ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

**Мақсади таҳқиқот -** омӯзиш, таҳлил ва ҷамъбасти маълумотҳо оид ба иқтидори сайёҳӣ ва рекреатсионӣ дар минтақаҳои гуногунтабиати МСР Фарғона мебошад.

**Ҳадафҳои таҳқиқот:**

- аз ҷиҳати назариявӣ ва методологӣ омӯзиши пурраи усулҳои мавҷудаи таҳлили иқтисодӣ – географӣ, муаммоҳои ташаккули ҳудудӣ, фаъолияти низомҳои ҳудудии минтақаи сайёҳию рекреатсионӣ ва дар алоҳидагӣ қисми ғарбии минтақаи Фарғона ҳамчун асоси географии МСР;
- дида баромадани асоси мундариҷавии ташкили ҳудудии сайёҳӣ ва хоҷагии рекреатсионии минтақаи сайёҳиву рекреатсионии Фарғона;
- таҳлили захираҳои табиию сайёҳӣ ва рекреатсионии МСР-и Фарғонаи ҶТ;

- захираҳои фарҳангӣ – таърихӣ ва сайёҳӣ - рекреатсионии МСР-и Фарғонаи ҶТ;
- муайян кардани навъҳои минтақаҳои сайёҳӣ ва рекреатсионӣ дар МСР-и Фарғона;
- таҳлили намудҳои фаъолияти сайёҳиву рекреатсионӣ дар МСР-и Фарғона;
- тақсимбандии МСР-и Фарғона ҳамчун ноҳияи сайёҳӣ ва рекреатсионӣ.

**Усули таҳқиқот.** Муқоисаи географӣ, оморӣ, таҳлил, синтез, картографӣ, риёзӣ ва таърихӣ

**Соҳаи таҳқиқот.** Татбиқи назариявӣ ва амалии географияи иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ ва рекреатсионӣ дар Тоҷикистон.

**Марҳилаҳои тадқиқот** аввал- тадқиқоти экспедитсионии объектҳо: осоишгоҳҳои “Зумрад”, “Ҳавотоғ”, “Истравшан”, “Баҳористон”, “Шифо”, обанбори “Каттасой”, “Баҳри тоҷик” ва дигар иншооти иҷтимоию иқтисодии минтақа (2008-2018 с.); дувум- таҳияи пешниҳодҳо оид ба таъмини иқтисодию географӣ ва ҳамроҳӣ ба ташкилоти ҳудудии фаъолияти фароғатии туристӣ (ФФТ) (2019-2020 с.); севум- ҷамъбаст ва коркарди маводи ҷамъоварда, навиштани рисолаи номзадӣ (2021-2022с).

**Маълумоти асосӣ ва базаи таҷрибавӣ:**

1) Санадҳои меъёрию ҳуқуқии вилояти Суғд оид ба рушди фаъолияти сайёҳӣ ва рекреатсионӣ, инчунин маводҳои омории Раёсати омори вилояти Суғд ва нашрияҳои даврии вилоятӣ;

2) тавсиф, таҳлил ва арзёбии геоландшафтҳо (водиҳои дарёӣ, террасаҳо, воҳаҳо, ҳавзаҳо, ҳудудҳои кӯҳҳо ва водиҳо, захираҳои табиию илмӣ, маъданию муолиҷавӣ, лойдармонӣ, обӣ ва ғайра);

3) маълумоти фаврӣ, ки муаллиф дар рафти таҳқиқоти экспедитсионии минтақаи таҳқиқотӣ ва иншооти сайёҳӣ ва рекреатсионии он дар давоми солҳои 2008-2018 ҷамъоварӣ кардааст.

**Навоварии илмии тадқиқот доир ба назарияҳо, ақидаҳо**.

Дар рисола кӯшиш карда шуд, ташкили минтақаи рекреатсионӣ дар шароити Тоҷикистони Шимолӣ, ки то ҳол вучуд надошт, пешниҳод шавад.

Усули такмили фаъолияти иншоотҳои сайёҳӣ, бо аслӣ табиӣ ва ҳам антропогенӣ дар баландии мутлақ аз 300 то 3500 м- и сатҳи баҳр бо муттаҳид кардани иншоотҳои сайёҳӣ дар чаҳорчӯбаи ҳашт кластери ҳудудҳои сайёҳӣ ва рекреатсионӣ (ҲСР) муқаррар карда шуд. Ташкили кластерӣ дар самтҳои зерин амалӣ карда шуданд: Марказ (Хуҷанд) → Шимолу Шарқ – Ашт; Шарқ → Конибодом, Исфара; Ғарб → Сирдарё, Истаравшан, Шаҳристон, Туркистон.

Дар шароитҳои “кӯҳу водӣ”, “пастхамӣ”, “ воҳаӣ”, “террасавӣ”, “обӣ” бори аввал бо истифодаи иқтидори захиравии муайяншудаи ҲСР ҳамчун МСР ва Фарғона таҳқиқ гузаронида шуд.

Гузаронидан ва ташкили таҳқиқоти маҷмааҳои ҳудудӣ тибқи объектҳои табиӣ-захиравӣ: террасаҳо, ҳавзаҳо, воҳаҳо сохта шудаанд, ки ин имкон дод, хусусиятҳои фарқкунандаи минтақаи таҳқиқот барои ташаккули ФСР муайян карда шаванд.

**Аҳамияти назариявии таҳқиқ** дар он аст, ки рисола ҷиҳатҳои ташаккули ҳудудҳои сайёҳӣ-рекреатсионӣ, намудҳои онҳо ва формати нохиябандии ҳудуди ҳамвории доманакуҳӣ ва роҳҳои илмии истифодабарии рекреатсионии табиатро дар минтақаҳо муайян кардааст.

**Аҳамияти амалии таҳқиқот иборат аст аз:**

а) Мазмун ва хулосаҳои таҳқиқот метавонанд аз ҷониби сохторҳои давлатӣ ва ғайридавлатӣ, ки дар соҳаи ташкили МСР фаъолият доранд, истифода шаванд;

б) Тавсияҳои асосӣ оид ба рушди намудҳои сайёҳӣ ва ташкили ҳудуди фаъолияти рекреатсионӣ, инчунин такмили намудҳои сайёҳӣ метавонанд дар таҳияи стратегия ва барномаҳои рушди сайёҳӣ ва рекреатсионӣ дар вилояти Суғд истифода шаванд;

с) Минтақабандии сайёҳиву рекреатсионии сайёҳӣ, намудҳои он ва ноҳиябандии ҳудуди минтақаи Фарғона метавонад барои ободонии минтақаҳои сайёҳӣ аҳамияти калони илмию амалӣ пайдо намояд ва барои такмили минбаъдаи фаъолияти сайёҳӣ-рекреатсионӣ дар ҷумҳурӣ мусоидат намояд.

**Эътимоднокии натиҷаҳои диссертатсия.** Эътимоднокии натиҷаҳо бо таҳияи дурусти вазифаҳо, муқаррароти методологии ибтидоӣ, мутобиқати маҷмуи усулҳои истифодашуда ба мавзӯи тадқиқот, вазифаҳо ва таҷрибаи шахсии муаллиф, муқоисаи баъзе натиҷаҳои бадастомада дар асоси маълумоти дигар тадқиқотчиёни рисолаҳои номзадӣ ва маърӯзаҳо дар конфронсҳои илмӣ-амалии сатҳҳои гуногун ва дар нашрияҳои гуногун тасдиқ гардидаанд.

Хулоса ва тавсияҳо бо таҳлили илмии натиҷаҳои тадқиқоти назариявӣ ва амалӣ асоснок шудаанд.

**Мутобиқати диссертатсия аз рӯи шиносномаи ихтисоси илмӣ.**

Мундариҷаи диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмии 25.00.24 - Географияи иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ ва рекреатсионӣ, ки Комиссияи Олии Аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ кардааст, мувофиқат мекунад. Фасли 11. Ташкили территориявӣ ва ҷойгиршавии соҳаҳои алоҳидаи иқтисодиёт, дигар соҳаҳои фаъолияти инсон, аз ҷумла дар соҳаи хизматрасонӣ.

**Иштироки шахсии муаллиф** дар таҳия ва ислоҳи усулҳои тадқиқот омӯзиш, таҳлили адабиёт оид ба муайян ва арзёбии базаи захираҳои сайёҳӣ, ташаккули хоҷагиҳои рекреатсионӣ, ҷамъоварию коркарди маводҳо, тартиб додани барномаҳои таълимию сайёҳӣ ва рекреатсионӣ, хулосаҳо ва таклифҳои амалӣ оид ба рисола, тайёр кардани мақолаҳо баён гардидааст.

**Муқаррароти пешниҳодшуда ба дифоъ:**

1. Захираҳои табиию географӣ, омилҳо ва хусусиятҳои геоландшафтӣ, ки ба рушди ҳудудии сайёҳӣ ва фаъолияти рекреатсионӣ дар минтақаи Фарғона таъсир мерасонанд, шакл ва самтҳои гуногун доранд. Таҳлили онҳо қисми ҷудонашавандаи асосноккунии самтҳои афзалиятноки рушди навъҳо ва намудҳои ФСР дар минтақаи таҳқиқотӣ ба ҳисоб меравад.

2. Истифодаи усули комплексӣ барои омӯзиш, таҳлил ва баҳодиҳии иқтидори захираҳои кӯҳҳо, воҳаҳо, ҳавзаҳо ва обанборҳо мусоидат намуда имконият медиҳад, ки роҳҳои беҳтарини истифодабарии онҳо дар соҳаи сайёҳӣ ва фаъолияти рекреатсионӣ дар минтақаи Фарғона муайян шавад.

3. Намудҳо ва навъҳои саёҳат, ки ба минтақаҳои Фарғона хос аст: ташкили сайёҳӣ тариқи тиҷорат, сайёҳии экологӣ ва рекреатсия барои истироҳати фаъол, туризми деҳот ва этнотуризм, мавсими оббозӣ, истироҳат ва фароғат. Навъҳои номбаршуда дар минтақаи мазкур ҳамчун намуди маҳаллӣ ва байналмилалии сайёҳӣ ба ҳисоб меравад.

4. Омӯзиши типологӣ ва харитасозии минтақаҳои рекреатсионӣ ва аксари хатсайрҳои маъмултарин: сайёҳӣ ва намудҳои фаъолияти рекреатсионӣ ҷамъбасти таҷриба буда, аз рӯи ҳудуд дар минтақаҳои сайёҳӣ ва рекреатсионии минтақаи Фарғонаи ҶТ вобаста карда шудаанд.

**Санҷиш ва татбиқи натиҷаҳои таҳқиқот.**

Муқаррароти асосии таҳқиқот дар конфронсҳои байналмилалӣ-ҷумҳуриявии илмию амалӣ дар шаҳрҳои Хуҷанд ва Душанбе тариқи маърӯзаҳо солҳои 2018-2021 пешниҳод карда шудаанд.

Натиҷаҳои омӯзиш дар ҷаласаҳои солонаи Шурои факултети ДДХ ба номи академик Б.Ғафуров баррасӣ ва тасдиқ карда шуда дар раванди таълим ҳангоми хондани лексияҳо, гузаронидани дарсҳои лабораторӣ ва амалӣ оид ба муаммоҳои ташкили ҳудудии сайёҳӣ истифода мешаванд.

Доир ба мавзӯи таҳқиқотӣ диссертатсионӣ 20 мақола, аз ҷумла 6 мақола дар нашрияҳое, ки аз ҷониби Комиссияи Олии Аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пазируфта шудаанд, ба табъ расидаанд ва 14-тои боқимондаашро мақолаҳои дар дигар нашрияҳо ба чопрасида ва маводҳои конференсияҳои илмӣ ташкил додаанд.

**Сохтор ва ҳаҷми рисола**. Рисола аз муқаддима, 3 боб ва хулосаҳои онҳо, хотима ва рӯйхати адабиёт (240 ном) иборат буда, дар 212 саҳифаи матни компютерӣ пешниҳод гардида, аз 15 ҷадвал, 22 расм иборат аст.

## III. МАЗМУНИ КОР

**Муқаддима** аҳамияти мавзӯъро асоснок намуда, дараҷаи инкишофи онро тавсиф мекунад, ҳадафҳо, вазифаҳо, объект, предмет ва методологияи тадқиқотро ифода мекунад, навоварии илмӣ, арзиши назариявӣ ва амалии натиҷаҳои бадастомадаро инъикос намуда, оид ба татбиқ, санҷиш ва нашри натиҷаҳои кор маълумот дода шудааст.

**Боби якум «Ҷанбаҳои илмию назариявии омӯзиши иқтидори туристӣ ва рекреатсионӣ»,** ба низом даровардани мафҳумҳои асосии соҳаи фаннӣ, моҳият, мазмун ва хусусиятҳои муаммоҳои марбут ба омӯзиши иқтидори туристӣ- рекреатсионӣ баррасӣ карда мешаванд.

Дар илми география мафҳумҳои «манбаи рекреатсионӣ» ва «иқтидори рекреатсионӣ» маъно, баҳо ва равишҳои омӯзиши гуногун доранд. Хусусиятҳои захираҳои туристӣ ба тақсимоти онҳо аз рӯи усули баҳодиҳӣ асос ёфтаанд. Аммо ин муносибат тақсимоти муфассалтари ҳар як синфро истисно намекунад (ҷадвали 1).

Дар асоси тақсимоти иқтидори туристӣ-рекреатсионӣ ду гурӯҳи асосӣ вуҷуд дорад. Ҳардуи ин гурӯҳҳо дар дохили худ таснифоти иловагӣ доранд (расми 1).

Арзёбии захираҳои туристӣ ва рекреатсионӣ равандҳои гуногун доранд (расми 2).

Аммо тақсимоти асосии онҳо аз рӯи усулҳои баҳодиҳии истифодашаванда сурат мегирад, яъне: картографӣ, оморӣ, иқтисодӣ, биотиббӣ, эстетикӣ ва технологӣ.

Аксарияти кулли усулҳои муосири таҳлили иқтидори захиравии рушди сайёҳӣ ва рекреатсионӣ ба ду шакли баҳодиҳӣ: сифатӣ ва миқдорӣ оварда шудаанд.

Барои ҳалли масъалаҳои вобаста ба методологияи баҳодиҳии комплексии иқтидори сайёҳӣ ва рекреатсионӣ чунин равишҳо мавҷуданд: рекреатсионӣ-географӣ, геоэкологӣ, маркетингӣ, кадастрӣ, геомаълумотӣ, кластерии марбут ба низоми экологӣ.

ҲСР ҳамчун макони сайёҳон хизмат мекунанд, онҳо инчунин сарҳадҳои маъмурие доранд, ки ин мафҳумро аз истилоҳи «макони сайёҳӣ»-и дар Ғарб қабулшуда фарқ мекунад.

Минтақаи сайёҳӣ ва рекреатсионии Фарғона аз нуқтаи назари географӣ дар қисми ғарбии водии Фарғона, дар ҳудуди ҶТ, минтақаи табиии Фарғона ҳудуди вилоятҳои Қуромаи Туркистонро ташкил мекунад, воқеъ мебошад. Аз нуқтаи назари маъмурӣ ба МСР Фарғона ноҳияҳои Шимоли Тоҷикистон дохил мешаванд.

**Ҷадвали 1. -** Хусусиятҳои захираҳои туристӣ ва рекреатсионӣ (таҳияи муаллиф).

| **Захираҳо** | **Усули баҳодиҳӣ** | **Тасниф** |
|---|---|---|
| Табиӣ-иқлимӣ | Картографӣ | Баҳодиҳии шароити ландшафт, нишон додани мувофиқати унсурҳои ландшафт, тағйирёбии баландӣ ва ғайра |
| | Оморӣ | Ба ҳисобгирии захираҳо ва объектҳо |
| | Биологӣ-тиббӣ | Ҳисоб кардани нишондиҳандаҳои иқлими мувофиқ (коэффитсиенти гидротермӣ, индекси вазнинӣ ва ғ.) |
| | Эстетикӣ | Баҳодиҳии дараҷаи таъсири эмотсионалӣ ба шахс (масалан, баҳодиҳӣ аз рӯи хол барои манзараи зебо) |
| | Технологӣ | Баҳодиҳии имкониятҳои рушди муҳандисӣ ва сохтмони минтақаҳо |
| | Экологӣ | Мушоҳидаи ифлосшавии муҳити зист, таъсири манфии корхонаҳои саноатӣ |
| | Иқтисодӣ | Муайян намудани даромад аз истифодаи захираҳо |
| Таърихӣ-фарҳангӣ | Оморӣ | Баҳисобгирии объектҳо |
| | Эстетикӣ | Баҳодиҳии дараҷаи таъсири эмотсионалӣ ба шахс |
| | Технологӣ | Муайян кардани мутобиқати технологӣ ва бехатарии истифодаи он |
| | Иқтисодӣ | Муайян кардани фоида аз истифодаи захираҳо |
| Иҷтимоӣ-иқтисодӣ | Оморӣ | Баҳисобгирии объектҳо |
| | Технологӣ | Арзёбии имкониятҳои рушди муҳандисӣ ва сохтмони минтақаҳо |
| | Иқтисодӣ | Муайян намудани фоида аз истифодаи захираҳо |




**Расми 1 -** Таснифоти иқтидори туристӣ-рекреатсионии ҳудудӣ (таҳияи муаллиф).




**Расми 2 -** Таснифи захираҳои табиии туристӣ ва рекреатсионӣ. (таҳияи муаллиф).

Дар минтақаи сайёҳӣ ва рекреатсионӣ дар Фарғона зиёда аз 150 ҳудудҳои истироҳатӣ мавҷуд аст, ки бо назардошти шароити табиию иқлимӣ ва мавзеъҳои таърихию фарҳангии худ метавонанд ҳамчун минтақаҳои истироҳатию сайёҳӣ истифода шаванд.

Дар таҳқиқоти ҷорӣ мо ҳашт ноҳияро ба минтақаи сайёҳӣ ва рекреатсионии Фарғона тааллуқ додаем:

1. Воҳаи Хуҷанд – маркази сайёҳӣ, масоҳат 285 $км^2$, аҳолӣ 181600 нафар;

2. Ҳудуди сайёҳӣ-рекреатсионии (ҲСР) Истравшан, масоҳат 134 $км^2$, аҳолӣ 252 ҳазор нафар;

3. ҲСР ҳавзаи Шаҳристон, масоҳат 1140 $км^2$, аҳолӣ 43ҳазору700 нафар;

4. ҲСР воҳаи Исфара, масоҳат 832 $км^2$, аҳолӣ 274 ҳазор нафар;

5. ҲСР воҳаи Конибодом, масоҳат 829 $км^2$, аҳолӣ 211 ҳазор нафар;

6. ҲСР лойдармонии Оқсукон, масоҳат 8,9 ҳазор $км^2$, аҳолӣ 162 ҳазор нафар;

7. ҲСР антропогению обии Сирдарё, масоҳат 2620 $км^2$, аҳолӣ 280 ҳазор нафар;

8. ҲСР – қаторкӯҳҳои Туркистон, масоҳат 6,8 ҳазор $км^2$, аҳолӣ 16,8 ҳазор нафар.

Захираҳои ландшафтии ҳудуди минтақаи сайёҳиву рекреатсионии Фарғона бояд якҷоя баҳо дода шаванд: бароҳатии ҳавзаҳо, воҳаҳо, террасаҳо, обанборҳо, ба инобат гирифтани ҷолибияти (экзотикӣ будан) ҳудудҳои табиӣ ва арзишҳои эстетикии омилҳои мавҷуда ё ки ба саломатӣ фоиданок ва шифобахши водиҳо, доманакӯҳҳо, кӯҳҳо (расми 3).

Объектҳои ҷолиби сайёҳӣ ва рекреатсионӣ дар минтақаи таҳқиқотӣ: водиҳо, воҳаҳо, ҳавзаҳо, кӯҳҳо, захираҳои обӣ-иқлимӣ хусусияти ҷазиравӣ ва дорои марказ будан доранд, ки ҳар кадоми онҳо имконияти истифодаи рекреатсиониро дороанд.[5] Онҳо дар ташкили ҳудудии навъҳо ва намудҳои ФСР бевосита таъсири зиёди мустақилона расонида, барои сайёҳон ва рекреантҳо ҷолибияти муайяне доранд.

Гурӯҳи махсуси объектҳои рекреатсиониро сарчашмаҳои обҳои маъданӣ, обанборҳо, қаторкӯҳҳо, мероси таърихию фарҳангии халқ ташкил медиҳанд, ки бо ташкили ҳудудии рушди сайёҳӣ ва рекреатсия макони ҷалби сайёҳон мебошанд.




**Расми 3 –** Ландшафтҳои табиию сайёҳии Тоҷикистони Шимолӣ.

| **Шарҳ** | **Тавзеҳ** |
|---|---|
| 1 | Алафҳои ботлоқие, ки дар обанбари сатҳаш на он қадар баланди об сабзидаанд. |
| 2 | Алафи паст ва блюграс - рахи дарахтони бисёрсолаи ксерофитӣ дар террасаи пролювиалӣ-аллювиалӣ, ки хокҳояшон хокистарранг мебошанд.320-600 м. |
| 3 | Алафҳои биёбонҳои (хокӣ ё регие, ки дар ҳамвориҳо ва террасаҳои каме ҷудошудаи пуштаҳо рӯйдаанд). Хокҳояшон хокистарранг мебошанд. Қисми зиёди территория барои кишти зироатҳои обёрӣ мувофиқ аст. |
| 4 | Биёбонҳои Карабарчковӣ ва Сарзанак, ки дар даштҳои нишебии доманаи кӯҳҳо ҷойгиршуда, хокҳояшон шӯр, қисман хокистаррангаанд. |
| 5 | Антропогение, ки дар ҳамвориҳои аллювиалӣ ва пролювиалӣ-аллювиалии бетағйир, суст ва миёна тақсим шудааст. Шаҳрҳо, шаҳрак, заминҳои киштукорӣ. |
| 6 | Ландшафти биёбонии ҳамвориҳои ёндамаи зери нишебии кӯҳӣ. Хокаш шӯр ва қисман хокистарию тира аст ва ҳамчун заминҳои обии хоҷагии қишлоқ истифода намудан мумкин аст. |

| | |
|---|---|
| 7 | Ландшафти биёбонии полинӣ бо полини суғдиён ва маҳиншона-кардашудаи ҳамвориҳои ёндамаи пастхамӣ. Хокаш тирахоки равшан ва махсус. Эҳтимолияти азхудкунӣ дорад ва ҳамчун сарчашмаи об, заминҳои корамии обӣ истифода бурдан мумкин аст. |
| 8 | Ландшафти антропогении сатҳи пастхамии ҳамвории аллювиалӣ, пролювиалию аллювиалӣ, террасаҳои маҷрои дарёҳо. Наботот -перийник афзалият дорад. Хокаш тирахоки махсус ва сиёҳ буда, эҳтимолияти кишти обӣ, лалмӣ мавҷуд аст. Шаҳрҳо, шаҳраку деҳаҳо. Киштзору ботлоқ ва ниҳолҳои субтропикӣ. |
| 9 | Сангҳо дар нишебиҳо гуногунранганд. Наботот камбарг буда, буттаҳои хурдбарг ва аксаран хордор бартарӣ доранд. Заминҳо ибтидоӣ буда, пурра аз худ карда нашудаанд, аз гаҷ бой мебошанд. |
| 10 | Шибляки ҷангалзорҳои ксерофитӣ дар нишебиҳои каме баланд, теппа ва нишебии кӯҳҳо ҷойгиранд. Хокҳои тира, хокистарранг ва равшани хос доранд. |
| **Ҷангали дашти пасткӯҳӣ-миёнакӯҳӣ (900-3000 м)** | |
| 11 | Шибляки ҷангалзорҳои ксерофитӣ дар нишебиҳои каме баланд, теппа ва нишебии кӯҳҳо ҷойгиранд. Хокҳои тира, хокистарранг ва равшани хос доранд. |
| 12 | Дар доманакӯҳҳо (900-1500 м - макроэкспозитсияи ҷанубӣ) ва дар нишебиҳои релефҳои теппаҳо (макроэкспозитсияи шимолӣ 1500-1700 м) доманакӯҳҳо, ки заминҳояшон тирахок буда, барои зироатҳои лалмӣ ва обӣ истифода бурдан мумкин аст. |
| 13 | Ландшафти антропогении сатҳи пастхамии ҳамвории аллювиалӣ, пролювиалию аллювиалӣ, террасаҳои маҷрои дарёҳо, конус виноси наздикӯҳӣ. Шаҳрҳо, шаҳраку деҳаҳо. Хокаш тира, сиёҳи махсус. |
| 14 | Ландшафти ксерофитии дар нишебиҳои ноҳамвор, теппаҳо нишебиҳои кӯҳӣ, плантатсияҳои омехта ҷойгир буда (1500-1700 м), ки хокаш хокистарранг аст, дорои ҷарогоҳҳо, манбаъҳои ҷӯбу тахта ва ашёи хоми дорувор. |
| 15 | Арчазорҳо дар ивазшавии пайваста мебошанд. |
| 16 | Манзараи антропогениро дар болои террасаҳои ҳамвории дарёҳо мушоҳида кардан мумкин аст. Набототи биёбон, ки дар он зироатҳои субтропикӣ кишт карда мешаванд вале зироатҳои лалмӣ имконпазиранд. |

| | |
|---|---|
| 17 | Ландшафти антропогении қисмати миёнакӯҳӣ, ки дар қисмати ҳамвори нишебиҳо, террасаҳои водиҳои кӯҳӣ ҷойгиранд. Хокҳояшон сангдори дорчинранг ва доричинии равшананд. |
| 18 | Ландшафти бешазори арча (2000-3000 м), ки бо тақсимоти нобаробар дар хокҳои бешазори арчавӣ, доғҳои типчаки даштӣ дар хокҳои даштӣ ва эфемерҳо, резасангҳои ёнаҳои дорои нишебии миёна рӯйида. Макони ҳезум ва растаниҳои шифобахш. |
| **Манзараҳои баланд, минтақаҳои субалпӣ ва алпӣ** | |
| 19 | Ландшафти алафҳои хордор (3000-3500 м) дар нишебиҳои хушки сангдор, дар қисмати поёнии баланди кӯҳ, чарогоҳ ба назар мерасанд, ки ҳангоми маҳдуд намудани майдони алафҳои хордор чарогоҳи хуб шуда метавонанд. |
| 20 | Ландшафти баландкӯҳи алпӣ (аз 3500-4100 м). Қисми бисёри территорияро сангҳои фурӯрехта ва сангҳои азимҷусса ташкил медиҳад. Растаниҳо дар зинаҳои гуногуни шаклгирӣ қарор доранд. Ҳамчун чарогоҳи тобистонаи мушкилистифодабаранда ба ҳисоб меравад. |
| 21 | Майдонҳои барфу пиряхҳо давомнок нестанд,ноҳамворанд. Наботот ва хок нест. |

Бояд гуфт, ки аз нуқтаи назари илмӣ-методӣ иқтидори захиравии рушди ҳудудии сайёҳӣ ва фаъолияти рекреатсионӣ дар миқёси рушди минтақавӣ дар шароити қисми кӯҳистону водии Тоҷикистон бо мақсади рушди намудҳои ҳудудҳо ва ташкили кори рекреатсия суст омӯхта шудааст [6-М].

Барои ташкили амалии ҳудудӣ мо хусусиятҳои функсионалии тамоми намудҳои маҷмааҳои сайёҳиву рекреатсионии ҳудудиро ошкор мекунем, гарчанде ки онҳо дар низоми хоҷагии халқи минтақаи Фарғона суст инкишоф ёфтаанд, иқтидори захиравии онҳо бори аввал барои ташкили ҳудудии ин соҳа мавриди омӯзиш қарор гирифтааст.

**Боби дуюм ба «Хусусиятҳои географии баҳодиҳии иқтидори захиравӣ ва ташкили навъҳои минтақаҳои туристию рекреатсионӣ»,** ҷанбаи назариявӣ ва амалии омӯзиши захираҳои табиии сайёҳӣ ва рекреатсионӣ, фарҳангӣ, таърихӣ, сайёҳии рекреатсионӣ, инчунин иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва инчунин ба захираҳои иқтисодии минтақаи туристию рекреатсионии Фарғонаи ҶТ бахшида шудааст.

Захираҳои табиии туристӣ ва рекреатсионӣ (ЗТТР) яке аз асосҳои рушди туризм мебошанд. Вазифаи асосии ЗТТР истифодаи онҳо барои баркарор кардани қувваи ҷисмонӣ ва рӯҳии шахс нигаронида шудааст.

МТР-и Фарғона маҷмӯи қулаи шароити мусоиди иқлимӣ мебошад, ки барои рушди сайёҳӣ ва истироҳат заруранд. МТР-и Фарғона як минтақаи мувофиқ ба ҳисоб меравад, ки дорои ландшафтҳои бузурги воҳаи антропогенӣ аст. Дар минтақаи баррасишаванда хусусияти геосистемаҳои кӯҳӣ нисбат ба дигар минтақаҳои туристию рекреатсионӣ камтар ба назар мерасад. Релефи минтақаи таҳқиқшаванда хусусияти эрозиявӣ дошта нишебиҳояш нисбатан мулоим буда, барои ташкили ҳудуди намудҳои кӯҳӣ- туризми варзишӣ ва геотуризм мавқеи мусоидро ишғол менамояд. МТР-и Фарғона мероси чандинасраи таърихию фарҳангӣ, фарҳанги қадима, хусусиятҳои зиндагии рӯзмарра, маданияти сохтмони манзил, қобилияти парвариши ҳосили баланди ғалладона, меваю сабзавотро дар минтақаҳои хурди кӯҳӣ муттаҳид мекунад. МТР-и Фарғона дорои унсурҳои зиёди меҳнатӣ, инфрасохторӣ, молиявӣ ва сармоягузории захираҳои иҷтимоию иқтисодӣ барои ташкил, таҳия ва татбиқи ФФТ мебошад.

Ташкили нав ва васеъ намудани имкониятҳои захираҳои мавҷуда (расми 4).




**Расми 4 -** Ҷойгиршавии муассисаҳои солимгардонӣ ва марказҳои фароғатӣ дар минтақаи Фарғонаи ҶТ. (таҳияи муаллиф).

Дар муассисаҳои номбаршудаи солимгардонии минтақаи омӯзиш аксар вақт онҳо барои ноил шудан ба ҳадафҳои солимгардонӣ ва табобатӣ амал мекунанд (расми 5).




**Расми 5 -** Сохтори хизматрасонии муассисаҳои фароғатӣ дар ҳудуди минтақаи туристӣ. (таҳияи муаллиф).

**1. Хизматрасонии табобатӣ ва беҳбудии саломатӣ - 64%.** Ҳама гуна истироҳати истироҳаткунандагон дар муассисаи санаторию курортӣ мақсадҳои солимгардонӣ-табобатӣ дорад ва вобаста ба таносуби фаъолияти табобатӣ дар ин ҷо се намуди фаъолиятро ҷудо кардан мумкин аст.

- барқароршавӣ (иқлим, истироҳат, таъсири маънавӣ ва ҷисмонӣ);
- табобат ҳамчун ҳамроҳӣ, на ҳамчун ҳадафи асосӣ;
- муолиҷа аз рӯи тавсияи духтур - муолиҷаи доруворӣ, ғизоӣ-табобатӣ.

**2. Хизматрасонии манзил - 20%.** Дар ҳар як санатория дар минтақаи таҳлилшаванда «биноҳои хоб» дохил мешаванд, ки дар шароити ҳозира ба талаботҳои меҳмонхонаҳои курортие, ки аз меҳмонхонаи муқаррарӣ фарқ мекунад, ҷавоб намедиҳанд. Меҳмонхонаҳои курортӣ бояд хусусиятҳои худро барои истироҳат ва фароғат дошта бошанд ва таваҷҷӯҳи зиёду сатҳи баланди хизматро талаб мекунанд.

Қариб 80 фоизи муассисаҳои сайёҳӣ ва санаторию курортии минтақаи тадқиқшуда ба таъмир ва азнавсозӣ ниёз доранд, кормандони хизматрасонӣ дар соҳаи хизматрасонӣ малакаи касбии зарурӣ надоранд.

**3. Хизматрасонии истироҳат - 16%.** Дар ҳамаи муассисаҳои осоишгоҳию курортии зонаи водии Фарғона ҳамагӣ 16 % аз худ шудаасту халос.

Ба 10 мавзеъҳои захираҳои рекреатсионӣ қисми ғарбии водии Фарғона дохил мешавад: захираҳои ростхаттаи шакли дарёи Сир ва обанбори Баҳри тоҷик, захираҳои майдонии- кӯли Оқсуқон (ноҳияи Ашт), сарчашмаи оби шифобахши Ҳавотоғ дар 35 км қисми шимолу ғарбии шаҳри Хуҷанд, маҷмааи қасри Панҷшанбе дар шаҳри Хуҷанд.

МТР-и Фарғона, ки дар заминаи вилояти Суғди ҶТ арзи ҳастӣ мекунад, қодир аст, ки иқтидори худро дар ин намуди фаъолияти иқтисодӣ ба таври назаррас васеъ намояд.

Дар натиҷаи тадқиқот мо аз ҷиҳати табиӣ-таърихӣ, фарҳангӣ ва аз ҷиҳати иҷтимоӣ-иқтисодӣ тараққикарда будаи минтақаи ғарбии Фарғонаро муайян намудем ва ба хулосае омадем, ки заифтарин қисмҳои МТР инҳо мебошанд:

- нокифоя будани омӯзиши мақсадноки иқтидори захиравӣ барои ташкили самараноки ҳудудии фаъолияти сайёҳӣ ва рекреатсионӣ дар ҳавзаҳои ҷудогона, воҳаҳо, қисматҳои соҳили рост ва чап, ҳудуди минтақаҳои кӯҳӣ [6-М];
- сарфи назар аз аҳамияти иҷтимоию иқтисодии рушди устувори ҳудудии сайёҳӣ, занҷир барои рушди комплексӣ ва даврии зерсоҳаҳои туризм ҳанӯз пурра омӯхта нашудааст: захираҳои табиӣ→ ёдгориҳои таърихию фарҳангӣ → захираҳои иҷтимоию иқтисодӣ → корхонаҳои хурди фароғатӣ, ёдгориҳои таърихию маданӣ→дастгирии иттилоотӣ → алоқаи нақлиётӣ → тайёр кардани кадрҳо барои идоракунии туризм → муассисаҳои ҳифзи табиат ва муҳити зист мушоҳида мешавад;
- иқтидори пасти кадрии тахассус, зербахшҳои сусти инфрасохторӣ;

барои бартараф кардани ин монеа чораҳои амалӣ андешидан лозим аст;

- ба ин муносибат ҳар як корхонаи саноатӣ ва рекреатсионӣ бояд нақши аниқ барои ба даст овардани натиҷаҳои иҷтимоиию иқтисодӣ бо истифода аз тадбирҳои нави дар маҳалҳо кор карда баромадашудаи шароити минтақаи кӯҳсору водии Фарғонаро дошта бошад;
- дар минтақаи соҳили рости Баҳри тоҷик ва қисми шимолии минтақа, ки дар он ҷо иқтидори табиӣ (кӯҳҳои Қурама, кӯҳҳои Муғул ва қаторкӯҳҳои Туркистон) барои ташкили территориявӣ мавҷуданд, барои омӯхтан ва аз худ намудани захираҳои нави туризми моҷароӣ ва экологӣ зарур аст;
- барои васеъ ҷалб намудани маҳсулоти маҳаллӣ ба соҳаи сайёҳӣ ва рекреатсия дар бахшҳои саноатӣ ва кишоварзӣ корхонаҳои дорои хусусияти туристӣ ва рекреатсионӣ таъсис дода шаванд, то ки намуди сайёҳии деҳотӣ ва этнотуризм дар чунин ҳудудҳо, ба мисли Истаравшан, Шаҳристон, Хуҷанд, Конибодом, Исфара ва Ашт вусъат ёбад, инчунин сохтмони

марказҳои туристӣ, паноҳгоҳҳо, лагерҳои туристӣ, алпинистӣ, хонаҳои истиқоматӣ барои ҷангалбонону моҳидорон, мотелҳо, ташкил додан лозим аст. Тарзи кори онҳо набояд аз ҳудуди муқарраршуда берун бошад (масалан, хусусиятҳои гидрологӣ) (ҷадвали 2).

**Ҷадвали 2.** - Арзёбии (масъалаи) хусусиятҳои гидрологии “Баҳри тоҷик” (таҳияи муаллиф)

| **Нишондиҳандаҳо** | **Хусусият** | **Баҳодиҳӣ бо тарзи холгузорӣ** |
|---|---|---|
| Паҳноии минтақаи обанбор, м | 1-5 м<br>5-10 м<br>10-20 м<br>20-30 м<br>30-50 м | 4<br>3<br>2<br>1<br>0 |
| Литологияи хоки поён дар минтақаи камобӣ | хокӣ<br>шағали<br>майда<br>санг<br>гилӣ<br>лойолуд | 4<br>3<br>2<br>1<br>0 |
| Шумораи рӯзҳои тобистон бо ҳарорати миёнаи шабонарӯзии об 18-22°С | 80<br>60-70<br>50-60<br>30-50<br><30 | 4<br>3<br>2<br>1<br>0 |
| Суръати ҷараён, м/с | 0<br>0-1<br>1-2<br>2-3<br>3 | 4<br>3<br>2<br>1<br>0 |
| Масоҳати растаниҳои соҳилии обӣ, % ба 1 м периметри об | 0<br>10<br>10-20<br>20-30<br>>30 | 4<br>3<br>2<br>1<br>0 |

Ба фикри мо аз нуқтаи назари методӣ аз ҳама мавзеи диққатҷалбкунанда минтақаҳои канори Баҳри тоҷик доранд: об-хушкӣ 4 хол (таъсири қавӣ), марғзор-ҷангалзор (сунъӣ) - 3 хол(таъсири миёна), доманакӯҳҳо-кӯҳҳо 3 хол (таъсири миёна, суст), таъсири бозгардонанда аз тарафи

қаторкӯҳҳои якхела, дарахтзорҳо дар шакли камарбанди ҷангалҳои як навъ (муҳофизатӣ) ҳосил мешавад - 2 хол; водиҳои чуқури доманакӯҳ - 1 хол.

Ин обанбор дар ташкили ҳудудии ҷамъияти туристӣ нақши калон ва мустақил мебозад, ки ҳудудҳои обиро ифода мекунад. Аҳолии водӣ ҳамарӯза ба сифати манбаи оби тоза, озуқаворӣ, роҳи нақлиёт, макони боздид аз ин обанбор истифода мебаранд. Ташкили фаъолияти фароғатӣ ва донишандӯзӣ бо мақсади ободонии маънавӣ ва ҷисмонӣ, обод ва истироҳати аҳолии Тоҷикистон, Ӯзбекистон, Қирғизистон ба роҳ монда мешавад.

Дар соҳили "Баҳри тоҷик" санаторияҳо, пансионатҳо, майдонҳои истироҳат дар қад-қади соҳил ҷангалҳои гуногуни мевадиҳанда ва истироҳатӣ воқеъ гардидаанд. Ҳангоми омӯзиши обанбор мо арзиши маърифатии (гуногунрангӣ, ба қисмҳо тақсим кардан) релефи территорияро бо воҳаҳои ҳамсоя, ҳавзаҳо, даштҳои доманакӯҳ ва нишебиҳои қаторкӯҳҳо, ки аз тарафи қаторкӯҳҳои Фарғона дар шимолу шарқ ва қаторкӯҳҳои Қурама баста шудаанд, ба назар гирифтем.

Дар байни қаторкӯҳҳо дар баландии 300-500 метр водии дарёи Сир воқеъ аст. Дар ду тарафи он даштҳои нишебии доманаи кӯҳҳо баланд мешаванд, ки қисми асосии қаламрави минтақаи туристию рекреатсионии Баҳри тоҷикро ташкил медиҳанд. Дар ин ҷо маъданҳои геологӣ ва дигар объектҳое, ки аз ҷиҳати илмӣ-назариявӣ диққатҷалбкунанда аст вуҷуд дорад.

**Боби сеюм «Ташаккули ҳудудӣ ва такмили намудҳои фаъолияти туристию рекреатсионӣ ва ноҳиябандии он»** унвон дошта ба омӯзиши намудҳои минтақаҳои туристию рекреатсионии минтақаи туристию рекреатсионии Фарғона, намудҳои фаъолияти туристӣ ва рекреатсионӣ, ки дар ҳудуди онҳо ба амал меоянд, бахшида шудааст ва ноҳиябандии туристию рекреатсионии минтақаи туристию рекреатсионии Фарғонаро дар бар мегирад.

Дар рисола 6 намуди маҷмӯаҳои фароғатӣ вобаста ба таъиноти функсионалӣ ва дараҷаи тахассусии минтақаҳои сайёҳӣ ва рекреатсионӣ ва ҳашт МСФ ҷудо карда шудааст.

Захираҳои туристӣ аз ҷиҳати ҳудудӣ ва иқтисодӣ ҳамчун омили ташкили ҳудудии намудҳо ва навъҳои туризм ва фаъолияти рекреатсионӣ дар МФТ Фарғона баромад мекунанд.

Мо боварӣ дорем, ки намуд ва навъҳои туризм, инчунин захираҳои фаъолияти рекреатсиониро ба ду категория бевосита ва бавосита тақсим кардан мумкин аст. Намудҳои асосии ФСФ намудҳои зерини туризм буданд: экологӣ, деҳотӣ (аграрӣ), этнографӣ, солимгардонӣ, варзишӣ ва тиҷоратӣ. Дар мавзеъҳои тадқиқотӣ ҷойгир кардани объектҳои туристӣ ва мавсимии фаъолияти онҳо камбудиҳои ҷиддӣ ошкор карда нашудааст. Тибқи маълумоти СУТ, аз соли 2010 инҷониб шумораи сайёҳоне, ки ба қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон меоянд, мунтазам меафзоянд. Дар давраи аз соли 2010

то соли 2019 шумораи сайёҳони хориҷӣ ба ҷумҳурӣ беш аз ҳафт маротиба афзуд. Дар асоси қисми назариявии тадқиқоти мазкур, инчунин бо назардошти натиҷаҳои омӯзиши доираи васеи нашрияҳои илмӣ, мо бамаврид мешуморем, ки системаи зерини воҳидҳои таксономикии ноҳиябандии рекреатсионӣ барои МТР Фарғона пешниҳод карда шавад (расми 6).




**Расми 6** – Низоми воҳидҳои таксономии ноҳиябандии рекреатсионӣ дар ноҳиябандии МСР Фарғона (таҳияи муаллиф).

Мо ба минтақаи истироҳатии саёҳатӣ дар сатҳи макро тамоми қаламрави ҶТ-ро ишора мекунем;

- МСР (Ҳисор, Вахш, Кӯлоб, Фарғона ва Зарафшон). МСР Фарғона - ҳудуди васеъ (зиёда аз 12 ҳазор км$^2$), шомили низомҳои маҳаллӣ, воҳавӣ, ба таври хаттӣ мураттабшуда, обӣ, сайёҳӣ ва рекреатсионӣ дар тамоми минтақаҳои маъмурӣ, ки дар қонеъ кардани ниёзҳои рекреатсионии сокинони ҷумҳурӣ вазифаҳои гуногунро иҷро мекунанд ва бо хусусиятҳои умумии шароитҳои асосии табииву фарҳангӣ, таърихӣ ва иқтисодии рушди сайёҳӣ фарқ карда, дорои воҳидҳои ҳудудӣ мебошад.
- Ноҳияи сайёҳӣ ва рекреатсионӣ - воҳиди ҳудудӣ барои банақшагирии идоракунии сайёҳӣ, ки дар баробари сайёҳӣ, шомили дигар низомҳои якхелаи функсионалӣ мебошад: саноатӣ, кишоварзӣ, хоҷагиҳои хурди рекреатсионӣ, ки фаъолияти корхонаҳои рекреатсиониро таъмин месозанд, ҷудо карда шудааст. Ба ин ҷо минтақаи сайёҳиву рекреатсионии

соҳили чапи Сирдарё, ноҳияи сайёҳӣ-рекреатсионии кӯҳӣ – кӯҳнавардии шимолу шарқӣ, ноҳияи сайёҳиву рекреатсионии соҳили рост ва ноҳияи сайёҳиву истироҳатии ҷанубу ғарбӣ дохил мешаванд.

- Зерноҳияи сайёҳӣ-рекреатсионӣ–воҳиди ҳудуди махсусгардонидашуда барои намудҳои алоҳидаи сайёҳӣ, ки ба он истифодаи умумии захираҳои рекреатсионӣ, шабакаи ягонаи идоракунӣ ва хизматрасонӣ (Зумрад, Ҳавотоғ, Истаравшан, Шаҳристон) хос аст.
- Микроноҳияи сайёҳӣ ва рекреатсионӣ-ҳудудест, ки дорои заминҳо, корхона ё гурӯҳи корхонаҳои ба хам алоқаманд набудаи рекреатсионӣ (масалан, Бахри тоҷик) мебошад.
- Нуқтаи сайёҳӣ ва рекреатсионӣ. Солҳои охир дар соҳаи фаъолияти сайёҳиву рекреатсионии минтақаи таҳқиқотӣ қитъаҳои рекреатсионӣ пайдо шуданд, яъне заминҳое, ки ба хоҷагиҳо тааллуқ доранд, аз тарафи аъзоёни онҳо барои рекреатсия истифода мешаванд ё ба меҳмонон хизмат мерасонанд.

Самти асосии рушди иқтидори захиравии минтақаи Фарғонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд гузариш ба шакли рушди устувор бошад ва барои ин бояд низоми ба таври миёна инкишофёфтаи намудҳои рекреатсиониро ба сатҳи хуб инкишофёфта расонида шавад (расми 7).



**Расми 7** – Иқтидори захиравии ноҳияҳои сайёҳӣ ва рекреатсионӣ дар МСР Фарғона. (таҳияи муаллиф).

Ноҳиябандии сайёҳӣ ва рекреатсионии анҷомдодашуда дар қисмати ғарбии минтақаи Фарғона имкон дод, ки 4 зерноҳия муайян карда шавад: зерноҳияи хуб азхудшудаи сайёҳӣ – рекреатсионии соҳили чапи Сирдарё; зерноҳияи ба таври миёна азхудшудаи кӯҳӣ - кӯҳнавардии сайёҳӣ – рекреатсионии шимолу шарқӣ; зерноҳияи суст азхудшудаи сайёҳӣ – рекреатсионии соҳили рост; зерноҳияи суст азхудшудаи сайёҳӣ – рекреатсионии Ҷанубу ғарбӣ.

Соҳили чапи Сирдарё бо шароитҳои мусоид аз ҳама инкишофёфта буда, асосан водиҳое, ки барои ҳамаи намудҳои рекреатсионӣ шароити мувофиқ доранд ва миқёси афзояндаи сайёҳии табобатӣ ва солимгардонӣ доранд, аммо бо беҳтар нашудани назарраси сифат.

Ноҳияи соҳили рост аз ҳама кам инкишофёфта аст. Он хусусиятҳои зеринро дорост: гуногунии ҳудудӣ (ҳам уфуқӣ ва ҳам амудӣ), ки дар баробари ин кам омӯхта шудааст.

Сарфи назар аз он, ки қариб ҳамаи роҳҳои асосии сайёҳӣ бо самтҳои асосии "Роҳи бузурги абрешим" (расми 8) мувофиқат мекунанд, дар ин ҷо сайёҳии наклиётӣ, пиёдагардӣ ва таърихию фарҳангӣ суст инкишоф ёфтааст.

Барои паҳншавии васеи фаъолиятҳои сайёҳӣ ва рекреатсионӣ дар минтақаи мавриди баррасӣ гардида, дастгирии сусти давлатии рушди сайёҳӣ, нокифоя будани ҳаҷми кӯмаки беруна (сармоягузорӣ) ва рушди нобаробари соҳаи сайёҳӣ монеъ мешаванд.

Дар водии Фарғона шаҳрҳои калонтарин ва қадимаи Осиёи Марказӣ, аз қабили Хуҷанд, Истаравшан, Исфара ҷойгир буданд, ки Роҳи бузурги абрешим аз он гузашта, Чин, Осиёро бо Аврупо мепайвандид. Гул-гулшукуфии тараққиёти иқтисодиёт ва маданияти ин шаҳрҳо ба давлати Сомониён дохил шудани онҳо алоқаманд буд.

Мавқеъи иқтисодӣ-географӣ ва геополитикии қисми ғарбии минтақаи Фарғона дар маркази Осиё боиси азхудкунӣ ва гузаштани шохроҳҳои муҳимтарини Роҳи бузурги абрешим дар қаламрави он гардид, ки дар роҳандозӣ ва дастгирии муносибатҳои тиҷоратию- иктисодӣ, маданию-маънавии Шарқ бо Ғарб, Шимол бо Ҷануб дар таърихи ҳазорсолаи худ аҳамияти калон дошта буд. Роҳи абрешим дар рушд ва ташаккули шаҳрҳои Хуҷанд, Исфара, Конибодом, Истаравшан, ки аҳолии онҳо бо мақсади хариду муомилоти мол ба ҳудуди шаҳрҳои

Исфара, Ҳисор, Кулоб, Қӯрғонтеппа муҳоҷир шудаанд, нақши бузург бозидааст, ки дар ҳавзаи Сирдарё ва Амударё ба вуҷуд омадааст.




**Расми 8 -**Роҳи Абрешим, ки аз ҳудуди минтақаи Фарғона дар заминаи қаламрави ҶТ мегузаранд.( http://sayohikhatlon.tj)

Мавқеи мусоиди иқтисодӣ ва географии минтақаи ғарбии водии Фарғона Роҳи бузурги абрешим барои барқарор ва нигоҳ доштани робитаҳои тиҷоратию иқтисодӣ ва маънавию фарҳангии байни кишварҳои - Чин, Ҳиндустон, Афғонистон, Қазоқистон, Русия ва кишварҳои Аврупо замина гузошт. Дар натиҷа илму адаб, зиндагии аҳолии Суғд инкишоф ёфта, миқдори зиёди ёдгориҳои таърихию фарҳангӣ нигоҳ дошта шудаанд, ки танҳо дар шаҳри Хуҷанд 144 масҷид ва 4 мадраса мавҷуд аст. Дар «Таърихи халқи тоҷик» қайд карда мешавад, ки суғдиён дар савдо бо Хитой дар тамоми Осиёи Миёна саҳми пешбаранда гузоштаанд. Дар ин қисмати «Роҳи бузурги абрешим» забони суғдӣ забони асосии тиҷорат муомилоти тиҷоратӣ ва муошират ба ҳисоб мерафт, ки дар Осиёи Миёна дар роҳи корвони бисёре аз суғдиён пайдо шудани сокиншавии аҳолӣ гувоҳӣ медиҳад. Шаҳри Хуҷанд, ки дар даромадгоҳи водии Фарғона, дар муҳимтарин роҳҳои тиҷоратӣ ҷойгир аст, дар тӯли таърихи худ яке аз калонтарин марказҳои тиҷоративу иқтисодии Осиёи Марказӣ будааст. Дар соҳаи фаъолият маҳалҳои ба объектҳои меҳнат гардондашуда, номҳои кӯҳнаи онҳо, ки то

ҳол дар байни мардум мавҷуданд, аз аҳамияти пештараи таърихи чандинасраи ҳунармандӣ шаҳодат медиҳад. Пиллакаш-ресандагии абрешим, заргарон-заргар, сангбурон-сангмайдакунон, кунгурахон-истеҳсолкунандагони зангӯлаҳои корвон, деггарон-бофандаҳо ва ғайра. Ҳунармандони ашёи зиёди ҳунарҳои мардумиро истеҳсол карданд, ки дар Руссия, Туркия, Эрон, Чин, ва Ҷопон ёфт мешавад.

Шаҳри Хуҷанд, ки дар натиҷаи ҳуҷуми қабилаҳои гуногуни кӯчманчиҳо хароб шуда буд, ва акнун ба маркази калони аз ҷиҳати иқтисодӣ тараққикарда табдил ёфт, ки дар зироаткорӣ, ҳунармандӣ ва ғайра рушд ёфтааст.

## IV. ХУЛОСА

1. Фаъолияти сайёҳӣ ва рекреатсионӣ барои ҶТ дорои хусусияти гуногуни релефи кӯҳӣ - ландшафтӣ як самти нави илмии ташкили ҳудудии намудҳои сайёҳӣ буда, қариб бо тамоми фазои зисти тоҷикони мо алоқаманд аст [1-М].

Таҳлили фазоии фаъолияти сайёҳӣ ва рекреатсионӣ дар шароити минтақа нишон дод, ки ҳудуди нисбатан хурд бо масоҳати тақрибан 12 ҳазор км$^2$ дар қисми шимолу шарқӣ бо кӯҳҳо фаро гирифта шуда, қисми ҷудонашавандаи ландшафтҳои сайёҳӣ ва рекреатсионӣ мебошад. Қисмати ғарбии минтақаи сайёҳиву рекреатсионии Фарғона нисбат ба дигар минтақаҳои сайёҳиву рекреатсионии ҷумҳурӣ дорои захираҳои табиию иқлимӣ, таърихию фарҳангӣ ва иҷтимоию иқтисодии рекреатсионӣ хеле бой мебошад [4-М].

2. Дар рафти таҳқиқот маълум шуд, ки МСР Фарғона қаламрави асосии сайёҳӣ ва рекреатсионӣ дар ҶТ ба ҳисоб меравад, зеро дар соли 2019 аз ин минтақа (вилояти Суғд) нисбат ба дигар минтақаҳои ҷумҳурӣ беш аз 450 ҳазор нафар шаҳрвандони хориҷӣ дидан кардаанд.

Махсусан, барои ташкили ҳудудии сайёҳӣ ва рекреатсионӣ дар қисми ғарбии минтақаи Фарғона, ки он аз биёбонҳо ва даштҳои ҳамсоя бо низомҳои қаторкӯҳҳои Ҳисору Олой, ки аз водиҳо баланд (то 3,5 км) воқеъ гардида душворгузар аст ва барои кӯҳнавардон қулай буда, садде, ки ҳудудии ҷумҳуриро ба ду қисм шимол ва ҷануб тақсим мекунад.

3. Муайян карда шуд, ки хусусияти кӯҳии релеф дар минтақаи тадқиқотӣ нисбат ба дигар ноҳияҳои ҷумҳурӣ камтар ба назар мерасад. Қисми асосии минтақаи Фарғонаро даштҳо ишғол мекунанд, ки бо хусусиятҳои табиию географӣ ва сайёҳиву рекреатсионӣ аз минтақаҳои ҷанубу шарқи ҶТ хеле фарқ мекунанд.

4.Мавқеи географӣ омили асосии ташаккули шароити иқлимии минтақаи таҳқиқотӣ мебошад. Муқаррар карда шудааст, ки дар қисми ғарбии минтақаи иқлими субтропикии хушки Фарғона, ки боришоти кам,

тобистони гарм ва зимистони муътадил дорад, барои ташкили ҳудудии бисёр навъҳо ва намудҳои гуногуни сайёҳӣ ва фаъолияти рекреатсионӣ шароити мусоид мавҷуд аст. Ба ин ҳарорати миёнаи солонаи тақрибан 14° C, миқдори солонаи боришот 155 мм, ки 50%-и он ба моҳҳои ноябр ва март рост меояд, мусоидат мекунад [6-М].

Таҳлили шароити иқлимии минтақаи Фарғона дар обҳои «Баҳри тоҷик» нишон медиҳад, ки басомади зиёди вазиши шамоли сахт барои истироҳат дар об монеа мешавад: дар солҳои 2001-2018 то 75 рӯз дар як сол бо суръати шамол зиёд аз 15 м/с мушоҳида мешуд.

Дар асоси ин, дар аксари минтақаҳои таҳқиқотӣ (ба ғайр аз ҳавзаҳои Истаравшан, Исфара ва Шаҳристон) иқлими намнок мавҷуд аст, ки ба рушди рекреатсионӣ дар акваномҳо ва ҳудудҳои даштӣ таъсир мерасонад [6-М].

Тибқи мушоҳидаҳои визуалии рисола дар қитъаҳои ҳамвории минтақаи таҳқиқотӣ (солҳои 2010-2018) қабати барфи устувор мавҷуд нест.

Миқдори боришоти солона дар хамворӣ аз 100 мм дар қисми шарқии минтақаи тадқиқотӣ то 200-250 мм дар қисми ғарбӣ, нишебии шимолии Туркистон ва нишебии ҷанубии қаторкӯҳҳои Қурама махсусан хушк аст. Дар ғарби минтақаи Фарғона, дар баромади гулӯи водии Фарғона шамолҳои сахти маҳаллӣ (Урсатиевӣ) ба қайд гирифта мешуданд, ки аксар вақт дар минтақаҳо дар давоми якчанд рӯз мевазанд [6-М].

Дар маҷмуъ, дар муқоиса бо дигар қаламравҳои ҷумҳурӣ минтақаи таҳқиқотӣ дорои захираҳои дурнамоии (преспективӣ) табиию иқлимӣ барои рушди сайёҳӣ ва рекреатсионӣ- солимгардонӣ мебошад, ки ин имкон медиҳад талаботи рекреатсиякунандагон дар Тоҷикистон ва давлатҳои ҳамсоя қонеъ карда шавад.

5. Муайян карда шудааст, ки бо истифодаи оқилонаи иқтидори захиравии обанбори Баҳри тоҷик, воҳаи Исфара, Исфара-Тангии-Ворух, нишебиҳои шимолии қаторкӯҳҳои Туркистон (ҳавзаи Шаҳристон), чашмаҳои гарми Ҳавотоғ, лойи муолиҷавии кӯли Оқсукон, лойдармонии фаъолияти Хуҷанд шумораи осоишгоҳҳо, хонаҳои рекреатсионӣ, урдугоҳҳои сайёҳӣ ва муассисаҳои гуногуни рекреатсиониро хеле зиёд карда, онҳоро тамоми сол гузарондан мумкин аст. Он гоҳ шумораи сайёҳон ва истироҳаткунандагонро соле ба 1,5 миллион нафар расонда, дар давоми сол қариб 20 ҳазор нафарро бо кор таъмин кардан мумкин аст.

Тибқи таърифи муҳаққиқ, ҳудуди рушди устувори сайёҳӣ ва рекреатсионӣ бештар аз шароити табииву иқлимӣ ва заминаи таърихӣ вобаста аст. Воҳаҳои алоҳида (Хуҷанд, Исфара, Конибодом ва Дашти Гурусна); ҳавзаҳои Истаравшан ва Шаҳристон хусусияти мураккаби маҳаллисозӣ доранд, онҳо нисбат ба водиҳо ва минтақаҳои даштии минтақаи таҳқиқшаванда доираи васеътари хизматрасониҳои рекреатсионӣ доранд.

6. Дар ҷараёни омӯзиш ва таҳлил маълум шуд, ки мафҳуми “кор”, “истироҳат”, “моҳидорӣ” ва “шикор” ҳамчун намудҳои фаъолияти рекреатсионӣ дар қаламрави Тоҷикистон дар ҳудуди минтақаи таҳсил ба муносибати ба вуҷуд омадани синфи коргар дар уезди Хуҷанд, аз соли 1868 (дар Истаравшан, Хуҷанд, Конибодом), ҳангоми ба империяи Русия ҳамроҳ шудани он ва ба вуҷуд омадани аввалин корхонаҳои саноатӣ, сохтмони роҳи оҳан, мактабҳо ва меҳмонхонаҳо оғоз ёфт.

7.Ташкили ҳудудии ФСР дар минтақа хусусияти маълуми гуногунрангӣ дорад, ки бо сабаби фарқиятҳои воҳаӣ, ҳавзаӣ, кӯҳӣ, обӣ ва дигар фарқиятҳои захираҳои табиии минтақа ба вуҷуд омадаанд. Базаи моддию техникии сайёҳӣ дар қитъаҳои соҳили рост ва чапи минтақаи Фарғона дар қисмати арз ва баландӣ нобаробар тақсим шудааст.

8. Дар ҷараёни омӯзиш ва таҳлили маводҳои ҷамъоваришуда мо хусусиятҳои муҳимтарини захираҳои ҳудудии қисми ғарбии минтақаи сайёҳиву рекреатсионии Фарғона: ҳаҷми захираҳо, масоҳат, мавқеи географии онҳо, имконияти истифодаи онҳо, ғайримутаҳаррикии ҳудудии аксари намудҳои захираҳо, ҷолибият, имконияти истифодаи чандкарата, дастрасии нақлиёт ва иттилоотро муайян сохтем.

Инчунин, дурнамои рушди МСР Фарғонаро, бахусус дар партави «Стратегияи рушди сайёҳӣ то соли 2030», ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул гардидааст» қайд кардан зарур аст.

Ба рушди сайёҳӣ дар минтақаи мавриди назар як қатор тадбирҳое мусоидат карда метавонанд, ки аз ҷониби роҳбарияти кишвар барои рушди тамоми соҳа андешида шудаанд. Мушаххас кардани онҳо барои махсус МСР-и Фарғона имкон медиҳад, ки афзоиши назарраси саноат дар минтақаи мавриди баррасӣ ба даст ояд.

## Тавсияҳо барои истифодаи амалии натиҷаҳо

**1.** Пойгоҳи моддию техникии ноҳияҳои сайёҳӣ ва рекреатсионӣ бояд таҷдид шавад, бозсозии иншооти мавҷудаи сайёҳӣ ва рекреатсионии марказҳои сайёҳии Истаравшан, Шаҳристон, Конибодом ва Исфара низ зарур аст. Самти афзалиятноки фаъолияти сайёҳӣ ва рекреатсионӣ дар минтақаи таҳқиқотӣ бояд аз кӯшишҳо барои тавсеаи ҳамкориҳои байналмилалӣ дар соҳаи сайёҳӣ бо кишварҳое, ки дар қад-қади “Роҳи бузурги абрешим” ҷойгиранд, иборат бошанд, дар он вақт иқтидори захиравӣ ва гардиши сайёҳии он метавонад 15-20% афзоиш ёбад, барои ин таҳияи барномаи мақсаднок оид ба ташкил ва инкишофи «Фазои ягонаи сайёҳӣ дар “Роҳи бузурги абрешим”-ро тартиб додан зарур аст.

**2.** Намояндагони саноати сайёҳии кишвар барои ворид шудан ба бозорҳои нав дар калонтарин намоишгоҳҳои бузургтарини тиҷоратӣ ва ҳунармандӣ, ки дар бисёре аз кишварҳои хориҷӣ баргузор шуданд,

ширкат карданд. Муаррифии мушаххаси имкониятҳои МСР-и Фарғона дар ин намоишгоҳҳо метавонад захираҳо ва иқтидори сайёҳии минтақаро ба дӯстдорони сайёҳӣ таблиғ кунад.

3. Бо мақсади боз ҳам беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ва ҳавасмандгардонии соҳибкорони хориҷӣ, ки ба иқтисодиёти Тоҷикистон беш аз 1 миллион доллари амрикоӣ сармоягузорӣ мекунанд, раводиди бисёркаратаи панҷсола ва барои ҳаракати ҳамватанони зодаи Тоҷикистон раводиди бисёркаратаи сесола дода мешавад.

Ҷорӣ намудани реҷаи раводиди электронӣ ва бидуни раводид бо 12 кишвари ҷаҳон ҷорӣ намудани низоми содакардашудаи раводид, бо 126 кишвар бекор кардани бақайдгирии дохилии сайёҳон имкон медиҳад, ки онҳо ва дигар шаҳрвандони хориҷӣ ба тариқи онлайн муроҷиат кунанд ба сомонаи www.evisa.tj, бидуни муроҷиат ба консулгариҳои Тоҷикистон раводиди электронӣ гиранду ба кишвари мо оянд. Аз моҳи январи соли 2022 реҷаи бидуни раводид бо 52 кишвари ҷаҳон ба кор шурӯъ намудааст.

То соли 2025 МСР -и Фарғона имкони қабул кардани 1 миллион сайёҳонро ба даст меорад.

4. Стратегияи рушди сайёҳӣ дар ҶТ барои давраи то соли 2030 барои минтақаи таҳқиқшаванда мақсадҳо, вазифаҳо ва самтҳои афзалиятноки рушди соҳаи сайёҳӣ ва рекреатсионӣ дар давраи кӯтоҳ ва миёнамуҳлатро муайян менамояд.

Мо самараи иқтисодии ҳуҷҷатҳои қабулшударо барои МСР-и Фарғона дар самти ҷорӣ намудани имтиёзҳои андоз ва гумрукӣ, озод кардани ширкатҳои сайёҳӣ аз андози даромад дар панҷ соли аввали фаъолият, инчунин аз пардохти андоз аз арзиши иловашуда, боҷҳои гумрукӣ, аз воридоти техника ва таҷҳизоту масолеҳ барои сохтмони иншоотҳои сайёҳӣ баррасӣ мекунем.

Номгӯйи иншоотҳои сайёҳӣ:

• меҳмонхонаҳо,
• осоишгоҳҳо,
• марказҳои сайёҳии маҷмаавӣ,
• мотелҳо,
• боғҳои фарҳангию рекреатсионӣ,
• инфрасохтори моҳидорӣ ва шикор,
• марказҳои истеҳсолии ҳунарҳои мардумӣ,
• тарабхонаҳо бо бренди байналмилалӣ,
• марказҳои таълимии кӯҳнавардӣ,
• маҷмааҳои лижаронӣ–сайёҳӣ ва ғайра.

Умуман, ҳамаи захираҳои сайёҳиву рекреатсионӣ ва иқтидори МСР Фарғонаро ташкил медиҳанд.

5. Бо истифода аз тадбирҳои андешидаи Ҳукумати ҶТ дар минтақаи мавриди баррасишуда самтҳои оиндадори рушди соҳаи сайёҳӣ ва рекреатсионӣ инҳо ба шумор мераванд:

• саёҳати кӯҳӣ;
• кӯҳнавардӣ;
• шикор;
• сайёҳии табобатӣ-солимгардонӣ;
• сайёҳии таърихӣ ва фарҳангӣ;
• сайёҳии экологӣ;
• сайёҳии расмӣ;
• сайёҳии саёҳатӣ;

Қариб ҳамаи ин самтҳо аз ҷониби мо дар доираи ин таҳқиқот баррасӣ карда шуданд ва барои рушди минбаъдаи худ дар ҳудуди МСР Фарғона заминаи асосии худро доранд.

6. Самти алоҳидаро метавон сайёҳии кишоварзӣ номид, ки рушди он дар партави санадҳои стратегии қабулшуда як равиши нав ва оиндадори рушди минбаъда буда, заминаҳои хуб дорад. Нуқтаи муҳим дар ин самт шояд он бошад, ки ин навъи сайёҳӣ тамоми шароитро дорад, то ба як манбаи муҳими шуғл ва даромади соҳибкорон ва хонаводаҳои деҳот табдил ёбад. Нуқтаҳои асосие, ки метавонанд ба рушд дар ин самт такон бахшанд, меҳмоннавозӣ ва дигар хусусиятҳои хоси миллӣ, аз қабили фарҳанг, табиати хуб ва ғайра мебошанд.

Муқаррароти дар «Стратегияи миллии рушди ҶТ барои давраи то соли 2030» муайян гардидаро метавон як роҳи амалишавии рушди соҳаи сайёҳӣ номид, ки тибқи он дар ноҳияҳои кӯҳии кишвар шабакаи роҳҳои кабелӣ ва монорелсҳо таҳия шудааст, ки барои тезонидани тараққиёти корхонаҳои саноатӣ истихроҷ ва сайёҳӣ мусоидат мекунад.

7. Барои ноил шудан ба ҳадафҳои рушди устувори самти сайёҳӣ ва рекреатсионӣ дар МСР Фарғонаи ҶТ бояд ба як қатор нуқтаҳои муҳим таваҷҷуҳ зоҳир карда шавад.

Якум, тайёр кардан ва бозомӯзии кадрҳои соҳибихтисос барои соҳаи сайёҳӣ. Қобили зикр аст, ки дар кишвар донишгоҳҳое ҳастанд, ки барои соҳаи сайёҳӣ самтҳои касбии омодасозии мутахассисонро доранд. Аммо аксар вақт онҳо ба стандартҳои байналмилалӣ пурра мутобиқат намекунанд ва хатмкунандагон низ аксаран, дорои салоҳиятҳои зарурӣ, малакаҳои касбӣ, сатҳи зарурии донистани забонҳо ва дониши фарҳангу санъати миллӣ, технологияҳои муосир, хизматрасонӣ дар соҳаи сайёҳӣ нестанд.

Аз ҷониби дигар, ин аз нав тайёр кардани кадрҳои мавҷудаи соҳаи баррасишаванда ва гузарондани машварату семинарҳо барои ба даст овардани салоҳияти зарурӣ дар соҳаи сайёҳӣ барои шахсоне мебошад, ки

хоҷагиҳои шахсӣ ё хонаҳоро ҳамчун иншооти сайёҳӣ истифода мебаранд.

Инчунин дар ин бахш таҳияи барномаҳои омӯзиши фосилавӣ оид ба сайёҳиро метавон қайд кард, ки имкон медиҳад ба намояндагони бахши хусусӣ ва кормандони давлатӣ таҷрибаи фосилавӣ андӯхта шавад.

Дуюм, истифодаи пурраи имтиёзҳо, ки барои ҷалби сармояи хориҷӣ ва дохилӣ, рушди инфрасохтор ва хатсайрҳои сайёҳӣ пешбинӣ шудаанд.

Сеюм, заминаи қонунгузорӣ ва меъёрии ҳуқуқии соҳаи сайёҳиро бо назардошти хусусиятҳо ва хислатҳои маҳаллӣ, ки дар асоси таҷрибаи ҷаҳонӣ такмил додан зарур аст.

Чорум, стандартҳои илман асосёфтаи сифат, қоидаҳои санитарию гигиенӣ ва экологии барои иншоотҳои сайёҳӣ, аттраксионҳо, меҳмонхонаҳо, тарабхонаҳо, воситаҳои нақлиёт, фурудгоҳҳо, қаторахо, истгоҳҳои автобусҳоро таҳия кардан лозим аст. Ин метавонад ҷорӣ намудани низоми ҷойгиркуниро таъмин созад, ки ба сайёҳон имкон медиҳад, дар бораи сатҳи интизорбудаи сифат тасаввуроти умумӣ пайдо кунанд, нишони сифати минтақаҳои сайёҳӣ ва рекреатсионии Фарғонаро барои дигар хизматрасониҳои сайёҳӣ таҳия намояд.

Панҷум, бо мақсади назорат, идора ва такмили фаъолияти сайёҳӣ дар МСР-и Фарғона бояд системаи ҷамъоварӣ ва таҳлили маълумот, омори сайёҳӣ, инчунин дониш дар бораи рафтори муштариёнро такмил дод. Дар рафти таҳқиқоти ҷорӣ мо ба сатҳи хеле пасти ҷамъоварӣ ва таъмини маълумот дар ин соҳа дучор шудем.

8. Аксари кишварҳо ҳоло ҷамъоварии самарабахши маълумот, омодасозии омор ва системаҳои ҷамъоварии маълумоти ибтидоиро барои арзёбии самараноки маҳсулоти худ дар муқобили интизориҳои ҷорӣ ва ояндаи муштариёнро доранд. Ин нуқта дар идораи омори миллӣ амалан вуҷуд надорад.

Дар робита бо ин, пешниҳод карда мешавад, ки саъю кӯшиш барои таҳияи методология ва таҳкими иқтидори кишвар барои гузаронидани таҳқиқот оид ба сифати хизматрасонӣ ба мизоҷон ва тарҳи хароҷоти сегментҳои сайёҳӣ, инчунин барои таҳия ва татбиқи ҳисобҳои моҳворавии сайёҳӣ, барои андозагирӣ ва татбиқи таъсири сиёсат ва стратегияҳои сайёҳиро ба иқтисодиёти миллӣ назорат кунанд.

Ҳамаи ин саволҳо метавонанд барои таҳқиқоти минбаъдаи илмӣ ҳам дар соҳаи илмӣ ва ҳам дар соҳаҳои алоқаманд мавзӯъҳои алоҳида бошанд.

## Феҳристи интишороти илмии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ

### Мақолаҳое, ки дар нашрияҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шудаанд:


[1-М]. Диловаров Р. **Хоҷаева, А.Х**. Мавзеъҳои рекреатсионии Тоҷикистон ва тадқиқоти он / Р. Диловаров А. Хоҷаева, // Номаи Донишгоҳ. Силсилаи илмҳои табиатшиносӣ ва иқтисодӣ – Хуҷанд. - 2013. - № 1 (24). – С. 121-124.

[2-М]. **Ходжаева, А.Х**. Некоторые пути развития сельского туризма в Таджикистане / А.Х. Ходжаева // Учёные записки ХГУ. Серия естественных и экономических наук – Худжанд. – 2014. - № 4 (31). - С. 107-110.

[3-М]. **Хоҷаева, А.Ҳ**., Исмоилова Д.А., Роҳҳои омӯзиши захираҳои сайёҳии дарккунӣ дар вилояти Суғд / Хоҷаева, А.Ҳ., Исмоилова Д.А// Номаи Донишгоҳ. Силсилаи илмҳои табиатшиносӣ ва иқтисодӣ – Хуҷанд. – 2014. - № 1 (28). – С. 102-106.

[4-М]. **Ходжаева, А.Х**. Вопросы развития туризма и рекреации / А.Х. Ходжаева // Вестник ТНУ. Серия экономических наук. – Душанбе. – 2015. - № 2/1 (157). - С. 252-256.

[5-М]. **Хоҷаева, А.Ҳ**. Захираҳои рекреатсионии кӯлҳои табиии вилояти Суғд / А.Ҳ. Хоҷаева // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – Душанбе. – 2016. - № 2 (4). - С. 75-78.

[6-М]. **Ходжаева, А.Х**. Проблемы формирования туристско-рекреационных хозяйств Согдийской зоны / А.Х. Ходжаева // Вестник ТНУ. Серия социально-экономических и общественных наук. – Душанбе. – 2018. - № 11. – С. 70-74.


### Мақолаҳои илмие, ки дар дигар нашрияҳо чоп гардидаанд:


[7-М]. **Хоҷаева, А.Ҳ.** Назаре ба амнияти озуқаворӣ дар Тоҷикистон / Номаи Донишгоҳ. Силсилаи илмҳои табиатшиносӣ ва иқтисодӣ № 4 (23) / А.Ҳ. Хоҷаева. – Хуҷанд, 2012. – С. 136-143.

[8-М]. **Хоҷаева, А.Ҳ**. Сухане чанд роҷеъ ба Искандаркӯл / Чопи дар китоби «Ҷавонон ва илми муосир» / А.Ҳ. Хоҷаева. - Душанбе: Бухоро, 2013. – С. 416-418.

[9-М]. Хоҷибоев, Ҳ. **А.Хоҷаева** Гармшавии глобалии иқлим ва аҳамияти озуқаворӣ / Номаи Донишгоҳ. Силсилаи илмҳои табиатшиносӣ ва иқтисодӣ № 2 (85) / Ҳ. Хоҷибоев, А. Хоҷаева. – Хуҷанд, 2012. – С. 135-144.

[10-М]. **Хочаева, А.Ҳ.** Муинова З.М Олучагелос чист? / Номаи Донишгоҳ. Силсилаи илмҳои табиатшиносӣ ва иқтисодӣ № 4 (27)/А.Ҳ. Хочаева, З.М. Муинова. – Хуҷанд, 2013. – С. 87-91.

[11-М]. **Хочаева, А.Ҳ.** Гармшавии глобалии иқлим ва таъсири он ба амнияти озуқаворӣ / Маҷаллаи назарияви-илмию истеҳсолии “Кишоварз” № 4 (60) / А.Ҳ. Хочаева. - Хуҷанд, 2013. – С. 86-87.

[12-М]. **Хочаева, А.Ҳ.** Дурнамои рушди туризм дар кӯҳистони Зарафшон / А.Ҳ. Хочаева // Паёми Донишкада махзани илм. - 2019. № 1-2 саҳ 85-89.

[13-М]. Охунова, С.А., З.М. Муинова., **А.Ҳ. Хочаева** Методикаи таълими география: Китоби дарси / С.А. Охунова, З.М. Муинова, А.Ҳ. Хочаева. – Хуҷанд: Нури маърифат, 2019. – 232 с.

[14-М]. **Ходжаева А.Х.**, Муинова, З.М., Путешествие супругов Федченко в Среднюю Азию / З.М. Муинова, **А.Х. Ходжаева**, С.А. Охунова / Международная научная конференция «Вклад Российской науки в изучение уникального историко-культурного и природного богатства Таджикистана», посвящённой 200-летию российского востоковедения. – Оренбург – Худжанд, 2019. – С. 194-199.

[15-М]. Диловаров Р., **Ходжаева, А.Х.** Влияние водно-климатических ресурсов на территориальную организацию туризма и рекреационной деятельности / Диловаров Р., А.Х. Ходжаева // Научно-теоретическая конференция «Гидроклиматические факторы использования водных ресурсов Центральной Азии». - Худжанд, 2020.–С. 130-133.

[16-М]. **Хочаева А.Ҳ** Муинова З.М., Тағйирёбии иқлим ва таъсири он ба захираҳои обии Тоҷикистон / Маводи конференсияи илмӣ-амалии Ҷумҳуриявӣ бахшида ба «Даҳсолаи байналмиллалии амал об барои рушди устувор 2018-2028» Хуҷанд, 2018 саҳ190-195

[17-М]. Р.Диловаров, **А.Х Ходжаева** Туристско-рекреационное районирование западной части Ферганской зоны республики Таджикистан. / Р.Диловаров, А.Х Ходжаева// Географическое пространство: сбалансированное развитие природы и общества.- Челябинск 2021- стр 156-162

[18-М]. **Ходжаева А.Х.,** Муинова З.М., Туристско-рекреационные территории Ферганской зоны / Маводи конференсияи илмӣ-амалӣ дар мавзӯи “Самтҳои рушди илмҳои табиатшиносӣ: мушкилот ва дурнамои он дар Осиёи Марказӣ” Хуҷанд, Нури маърифат 2022. С-193-203

[19-М]. **Хочаева, А.Ҳ.** Таъсири нерӯи барқ дар ташкили ҳудудии истеҳсолот / А.Ҳ. Хочаева // Маводи конференсияи Ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ

дар мавзӯи “НБО-Роғун кафолати Истиқлолияти энергетикии Тоҷикистон”.-Хуҷанд, 2022.–С.6-9.
[20-М]. **Ходжаева, А.Х.** Муинова З.М. Цели и задачи рекреационной деятельности и пути их решения в пределах Ферганской зоны Республики Таджикистан / А.Х. Ходжаева, З.М. Муинова // Международный научно-практический журнал ENDLESS LIGHT in SCIENCE.–Алматы, Казахстан, 2022.с 202-209.

## АННОТАЦИЯ

на автореферат диссертации Ходжаевой Азизахон Хакимовны на тему: «Ресурсный потенциал Ферганской туристско-рекреационной зоны Республики Таджикистан и вопросы территориальной организации туристско-рекреационной деятельности», представленной на соискание ученой степени кандидата географических наук по специальности 25.00.24 –Экономическая, социальная, политическая и рекреационная география.

Ключевые слова: Ферганская долина, ресурсный потенциал, туристско-рекреационные ресурсы, территориальный комплекс, рекреационное картирование.

Объектом исследования является туризм и рекреация в Республике Таджикистан, на предмет туристско-рекреационных ресурсов и потенциала Ферганской туристско-рекреационной зоны (ТРЗ), географически занимающей западную часть Ферганской долины, а административно Согдийскую область Республики Таджикистан.

Целью диссертационного исследования является изучение, анализ и обобщение туристско-рекреационного потенциала разнородных территорий Ферганской туристско-рекреационной зоны для предложения типов, специализации и районирования туристско-рекреационной деятельности.

Задачи исследования: 1. Изучение теоретических и методологических подходов и существующих методик экономико-географического анализа проблем территориального формирования и функционирования территориальных в целом и региональных туристско-рекреационных систем, в частности, западной части Ферганской зоны, как географической основы Ферганской ТРЗ РТ; 2. Рассмотрение основ содержания территориальной организации туризма и рекреационного хозяйства Ферганской туристско-рекреационной зоны; 3. Анализ природных туристско-рекреационных ресурсов Ферганской туристско-рекреационной зоны Республики Таджикистан; 4.Исследование культурно-исторических рекреационно-туристических ресурсов Ферганской туристско-рекреационной зоны Республики Таджикистан; 5. Рассмотрение социально-экономических ресурсов как факторов развития туристско-рекреационной деятельности Ферганской туристско-рекреационной зоны; 6. Определение типов туристско-рекреационных территорий Ферганской ТРЗ; 7. Анализ типов туристско-рекреационной деятельности Ферганской туристско-рекреационной зоны; 8. Проведение туристско-рекреационного районирования Ферганской ТРЗ.

Результаты исследования могут служить основой для возможной оптимизации местными органами власти рекреационного природопользования территорий слабо развитых в рекреационном отношении районов; могут быть использованы при разработке стратегий и программ развития туризма и рекреационной деятельности в Согдийской области.

Практические рекомендации. Реализация результатов исследования заключается в том, что в целом диссертационная работа может иметь большое научно-практическое значение, научно-справочный и методологический характер для территориального совершенствования туристско-рекреационной деятельности в республике.

# АННОТАТСИЯ

ба автореферати диссертатсияи Хоҷаева Азизахон Ҳакимовна дар мавзӯи: «Иқтидори захиравии минтақаи саёҳию рекреатсионии Фарғонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва масъалаҳои ташкили ҳудудии фаъолияти сайёҳӣ -рекреатсионӣ», ки барои дарёфти унвони илмии номзади илмҳои география аз рӯи ихтисоси 25.00.24 - Географияи иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ ва рекреатсионӣ пешниҳод гардидааст.

Вожаҳои калидӣ: водии Фарғона, иқтидори захиравӣ, захираҳои сайёҳӣ-рекреатсионӣ, маҷмааи ҳудудӣ, харитасозии рекреатсионӣ.

Объекти таҳқиқот: сайёҳӣ ва рекреатсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, масъалаи захираҳои сайёҳӣ-рекреатсионӣ ва иқтидори минтақаи сайёҳӣ-рекреатсионии Фарғона (МСР), ки аз нуқтаи назари географӣ қисмати ғарбии водии Фарғона ва аз ҷиҳати маъмурӣ вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистонро ишғол намудааст, мебошад.

Мақсади рисолаи таҳқиқотӣ аз омӯзиш, таҳлил ва ҷамъбасти маълумотҳо оиди иқтидори сайёҳӣ ва рекреатсионӣ дар минтақаҳои гуногунтабиати минтақаи сайёҳӣ-рекреатсионии Фарғона барои пешниҳоди намудҳо, ихтисос додан ва ба минтақаҳо ҷудо кардани фаъолияти сайёҳӣ ва рекреатсионӣ мебошад.

Ҳадафҳои таҳқиқот: 1. Омӯзиши равишҳои назариявӣ ва методологии усулҳои мавҷудаи таҳлили иқтисодӣ - географии мушкилотҳои ташаккули ҳудудӣ ва фаъолияти низомҳои ҳудудӣ дар кулл ва минтақавии сайёҳию рекреатсионӣ, дар ҷузъ, дар қисми ғарбии минтақаи Фарғона, ҳамчун асоси географии МСР Фарғонаи ҶТ; 2. Асосҳо, мазмуни ташкили ҳудудии сайёҳӣ ва хоҷагии рекреатсионии минтақаи сайёҳиву рекреатсионии Фарғона дида баромада мешаванд; 3. Таҳлили захираҳои табиии сайёҳӣ ва рекреатсионии минтақаи сайёҳиву рекреатсионии Фарғонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон анҷом дода мешаванд; 4. Захираҳои фарҳангӣ – таърихӣ ва сайёҳӣ - рекреатсионии минтақаи сайёҳиву рекреатсионии Фарғонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳқиқ карда мешавад; 5. Захираҳои иҷтимоию иқтисодӣ ҳамчун омилҳои рушди сайёҳӣ ва рекреатсионӣ дар МСР Фарғона баррасӣ карда мешавад; 6. Навъҳои минтақаҳои сайёҳӣ ва рекреатсионӣ дар МСР Фарғона муайян карда мешавад; 7. Намудҳои фаъолияти сайёҳиву рекреатсионӣ дар минтақаи сайёҳиву рекреатсионии Фарғона таҳлил карда мешавад; 8. МСР Фарғона ба ноҳияҳои сайёҳӣ ва рекреатсионӣ тақсимбандӣ мегардад.

Натиҷаҳои таҳқиқот метавонанд чун асос барои оптимизатсияи имконпазири баҳрабардории рекреатсионӣ аз табиат дар минтақаҳои аз ҷиҳати рекреатсия суст инкишофёфта аз тарафи мақомоти маҳаллии давлатӣ истифода шаванд; метавонанд дар таҳияи стратегияҳо ва барномаҳои инкишофи сайёҳӣ ва фаъолияти рекреатсионӣ дар вилояти Суғд истифода шаванд.

Тавсияҳои амалӣ. Амалигардонии натиҷаҳои таҳқиқот аз он иборат аст, ки дар умум диссертатсия дорои аҳамияти калони илмӣ-амалӣ буда, ҳамчунин шомили хусусиятҳои илмӣ ва маълумоту ахбордиҳӣ ва методологӣ барои такмилдиҳии ҳудудии фаъолияти сайёҳӣ-рекреатсионӣ дар ҷумҳурӣ буда метавонад.

## ANNOTATION

of the dissertation abstract of Khodjaeva Azizakhon Khakimovna on the topic: "Resource potential of the Fergana tourist and recreational zone of the Republic of Tajikistan and issues of territorial organization of tourist and recreational activities", submitted for the degree of candidate of geographical sciences in the specialty 25.00.24 - Economic, social, political and recreational geography.

Key words: Ferghana Valley, resource potential, tourist and recreational resources, territorial complex, recreational mapping.

The object of the study is tourism and recreation in the Republic of Tajikistan, in terms of tourist and recreational resources and the potential of the Fergana tourist and recreational zone (TRZ), geographically occupying the western part of the Fergana Valley, and administratively the Sughd region of the Republic of Tajikistan.

The purpose of the dissertation research is to study, analyze and generalize the tourist and recreational potential of the heterogeneous territories of the Fergana tourist and recreational zone to propose types, specialization and zoning of tourist and recreational activities.

Research objectives: 1. Study of theoretical and methodological approaches and existing methods of economic and geographical analysis of the problems of territorial formation and functioning of territorial in general and regional tourist and recreational systems, in particular, the western part of the Fergana zone, as the geographical basis of the Fergana TRZ RT; 2. Consideration of the basics of the content of the territorial organization of tourism and recreational economy of the Fergana tourist and recreational zone; 3. Analysis of natural tourist and recreational resources of the Fergana tourist and recreational zone of the Republic of Tajikistan; 4. Research of cultural and historical recreational and tourist resources of the Fergana tourist and recreational zone of the Republic of Tajikistan; 5. Consideration of socio-economic resources as factors in the development of tourist and recreational activities in the Fergana tourist and recreational zone; 6. Determination of the types of tourist and recreational areas of the Ferghana TRZ; 7. Analysis of the types of tourist and recreational activities of the Fergana tourist and recreational zone; 8. Carrying out tourist and recreational zoning of the Ferghana TRZ.

The results of the study can serve as a basis for the possible optimization by local authorities of recreational nature management of territories of areas that are poorly developed in terms of recreation; can be used in the development of strategies and programs for the development of tourism and recreational activities in the Sughd region. Practical recommendations.

The implementation of the results of the study lies in the fact that, in general, the dissertation work can be of great scientific and practical importance, scientific, reference and methodological in nature for the territorial improvement of tourist and recreational activities in the republic.

Подписано в печать 07.02.2023. Формат 60x84$^{1}/_{16}$.
Бумага офсетная. Печать офсетная. Гарнитура Times New Roman.
Усл. печ. л. 4,25. Тираж 100 экз. Заказ № 44.

ООО “ЭР-граф”.
734036, г. Душанбе, ул. Р. Набиева, 218.
Тел.: (+992 37) 227-39-92. E-mail: rgraph.tj@gmail.com